آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

28 июни соли 2023
Чоршанбе
№ 51 (14958)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА ХОДИМОНИ МАТБУОТ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАВӢ

Дӯстони азиз!

Аз тахти дил шумо ва собиқадорони соҳаро бо Рӯзи ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ, ки дар мамлакатамон васеъ ҷашн мегардад, самимона табрик менамоям.

Ин ҷашн на фақат ҷашни онҳое аст, ки ҳаёти худро ба касби мазкур бахшидаанд, балки боз иди миллионҳо нафар хонандагон, шунавандагон, тамошобинон, тамоми ҷамъият мебошад, ки аз ҳосили меҳнати эҷодии пурмашаққати шумо истифода менамоянд.

Имрӯз низ суханони ҷадидонмаърифатпарварон, ки пойгоҳи матбуоти миллии моро гузоштаанд, молики аҳамияти муҳим мебошад, ки гуфтаанд, **матбуот бояд барои рушди миллат ва матбуот хидмат намояд, ифодакунандаи афкори равшан бошад, офтобе бошад, ки тафаккур ва қалби одамонро равшанӣ бахшад, оинаи виҷдони ҳар як инсон бошад.**

Фақат ба туфайли касби истиқлолият орзу ва азми ниёгони бузургамон ба воқеият табдил ёфт.

Солҳои охир дар натиҷаи бозсозиҳои ҷорӣ дар таърихи мамлакат пойгоҳи пурзӯри ҳуқуқӣ ва шароит дар ҷамъият ба вуҷуд оварда шуд, то ки воситаҳои ахбори оммавӣ барои баёни озоди фикр ва муҳофизони фаъоли манфиатҳои халқ минбар гардад.

Таъмини озодии сухан ва матбуот, ҳуқуқи дарёфт ва паҳн намудани иттилоотро қисми муҳим ва ҷудонопазири рушди стратегиамон, ки ба ҳимояи манфиат, шараф ва арзиши инсон, сохтмони ҷамъият ва давлати демократие, ки ба мардум хидмат менамояд, мешуморем. Дар Конститутсияи таҷдидёфтаи мамлакат моддаҳои марбут боз ҳам пурзӯр карда шуд, ки он аз муттасилии амаламон дар ин самт далолат менамояд.

Ҳоли ҳозир дар Ўзбекистон 2140 воситаи ахбори оммавӣ, ё худ 626-то бештар нисбат ба соли 2016 вуҷуд дорад. Аз онҳо 65 фоизаш ВАО ғайридавлатӣ мебошад, ки аз бозсозиҳои сохтории идомаёбанда дар соҳа гувоҳӣ медиҳад. Шоистаи таъкид аст, ки дар қатори воситаҳои ахбори оммавии анъанавӣ нашрияҳои интернетӣ низ босуръат тараққӣ меёбад, ки теъдоди онҳо ба 745 расида, аудиторияашон бемайлон зиёд мегардад.

Ташкил намудани хидматҳои иттилоотӣ дар ташкилот ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо барои пурзӯр гардидани гуфтугӯ бо аҳолӣ таъсири назаррас дорад.

Низоми таъмини рўшодгӯйӣ, шаффофияти фаъолият ва ҳисоботдиҳии мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ татбиқ гардида, таҷрибаи муайянсозии индекатори шаффофият, баҳогузории он дар асоси стандартҳои пешқадами байналхалқӣ роҳандозӣ гаштааст. Аз он ҷумла, ба қарибӣ бори аввал Индекси рушодгӯйии баҳогузории кори мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ бинобар ҷамъбасти соли гузашта нашр гардид, ки дар самти мазкур қадами муҳим гардид.

Воситаҳои ахбори оммавии мамлакат боэътимодона ба фазои байналхалқии иттилоотӣ мегаравад. Барномаҳои Телерадиокомпанияи миллии Ўзбекистон ва чандин телестудияҳои хусусӣ ба бештар аз 100 мамлакати ҷаҳон пахш мегардад. Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» инчунин матолиби худро ба 10 забони хориҷӣ пахш менамоянд.

Саҳми муносиби ходимони соҳаи табъу нашр дар кори неки оммавӣ гардондани маданияти қироат дар мамлакат эътибори алоҳидаро шоиста аст. Дар солҳои охир нашриётҳои ҷумҳурӣ 132 миллион нусха китобҳои бадеӣ ва адабиёти дигарро нашр намуданд, ки бешубҳа дар васеъ гардидани ҷаҳонбинии одамон, пеш аз ҳама ҷавонон, нақши муҳим дорад.

Бо мақсади дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ барои онҳо имтиёз аз андоз барои даромад ба муҳлати се сол пешниҳод гаштааст, ки ин барои босуботии иқтисодии онҳо василаи муҳим гардид.

Дӯстони муҳтарам!

Ҳоло замона бо суръати баланд дар наздамон дар тамоми соҳаҳо, аз он ҷумла дар соҳаи иттилоот низ, вазифаҳои фавқулода муҳим мегузорад.

Имрӯз дар гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки ҳамаро нигарон намудааст, аз ин рӯ моро наметавонад шиддат ёфтани ситезаҳо дар ҷараёнҳои ҷаҳонии иттилоот нигарон насозад. Мутаассифона бояд бигӯям, ки дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон воситаҳои ахбори оммавӣ ба манфиати ин ё он қувваи сиёсӣ барои авҷ додани ҷангҳои иттилоотӣ хидмат менамоянд, афкори ҷамъиятро гумроҳ месозад, фактҳоро таҳриф намуда, мафҳумҳоро табдил мекунанд.

Дар чунин вазъияти мураккаб, вақте ки бартарӣ дар фазои иттилоотӣ аз ҳар ҷиҳат аҳамияти ҳалкунандаро молик аст, мо дар шахси шумо соҳибони касби ҳақиқиро мебинем, ки қатъан ба принсипҳои асосии матбуоти демократӣ – объективӣ, эътимоднокии иттилоот, садоқат ба манфиатҳои миллӣ, одамоне, ки бо дониш ва зарфияти худ, қалами бурро ва сухани ҳаққонии худ ба ҷамъият барои фаҳмиши моҳияти ҷараёнҳои ҷории иҷтимоӣ кумак мекунанд, аз таъсири манфии иттилооти ботил ҳимоя месозанд, риоя менамоянд.

Дар бартарафсозии камбудиҳо ва мушкилоти ҳаёти ҷамъият, мубориза бар зидди чунин иллатҳо, мисли бюрократия ва коррупсия мо пеш аз ҳама ба шумо, журналистон ва блогерҳои муҳтарам ва хусусан ба ҷавонони соҳибистеъдодамон, ки ба фазои ахбори миллӣ бо ғоя ва ташаббусҳои нав ворид мегарданд, такя менамоем.

Маҳз барои ҳамин ба тарбияи кадрҳои журналистии соҳиби ҷаҳонбинии васеъ, баладн забонҳои хориҷӣ ва технологияи иттилоотии баландмалака, содиқи Ватан бартарӣ дода мешавад. Ҳоло, ки садҳо мутахассисонро дар соҳаи журналистика Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавии Ўзбекистон, Донишгоҳи миллии Ўзбекистон, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон, Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд, Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон ва Донишгоҳи давлатии Бухоро тарбия менамоянд, аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин муассисаҳои таълими олӣ донишҷӯён аз профессорон ва устодони соҳибтаҷриба асрори маҳоратро бинобар беш аз 20 самт, мисли ВАО чопӣ ва кори ноширӣ, журналистикаи аудиовизуалӣ, интернет-журналистика ва менеҷмент, назария ва амалиёти медиа, журналистикаи ҳарбӣ ва варзишӣ, ВАО рақамӣ, муносибати байналхалқӣ меомӯзанд.

Мо дар пеши худ вазифа гузоштаем, ки журналистикаи нави Ўзбекистони Навро ба вуҷуд оварем ва худи ҳаёт аз мо ҳамаҷониба омӯхтани натанҳо дар соҳаи анъанаҳои миллӣ бавуҷудомада, балки таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфта, пурзӯрсозии ҳамкорӣ бо пешқадамтарин муассисаҳои таълими олии соҳаи ВАО-и хориҷӣ, ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ва медиокомпанияҳоро талаб менамояд.

Бинобар ин рушди муттасили воситаҳои ахбори оммавӣ минбаъд низ дар маркази эътиборамон қарор хоҳад гирифт. Боварӣ дорам, ки дар муайян намудан ва татбиқи вазифаҳое, ки дар соҳаи мазкур дар наздамон қарор доранд, молики аҳамияти Гузориши миллӣ хоҳад буд, ки бо тарбияи онҳо ҳоли ҳозир Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон машғул мебошад, ки аҳамияти калони амалӣ хоҳад дошт.

Аз фурсат истифода намуда, бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки давлат ва ҷамъиятамон барои дастгирии ногузир дар беҳсозии шароити меҳнат ва ҳаёти ходимони ВАО, рағбатноксозии фаъолияти пурмашаққат ва масъулиятнокашон, мустаҳкамсозии соҳаҳои моддиву техникӣ ва зарфияти кадрҳо омода мебошанд.

Шуморо бо ҷашни касбии бузургатон ва ҳамчунин иди фарорасандаи дурахшони Қурбон табрик намуда, барои ҳамаатон тансиҳатӣ, тавфиқи нави эҷодӣ, хушбахтӣ ва ба хонаводаҳоятон фарахмандӣ таманно дорам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# ТАБРИК БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН БА МАРДУМИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Самимона, аз тахти дил шумо, тамоми мусулмонони мамлакат, ҳамаи халқамонро бо ҷашни аҷоиб, ки некӣ, шафқат ва меҳрубониро таҷассум менамояд – Иди қурбон табрик менамоям, ки онро бо хушнудии беҳад бо тамоми уммаи ислом якҷоя қайд менамоем, ба шумо эҳтироми амиқ ва беҳтарин орзуҳоро таманно менамоям.

Дар ин рӯзҳо, вақте ки қалбҳоямон аз хушнудӣ ва некӣ дурахшон мегардад, мо пеш аз ҳама шукри Худованд менамоем, ки якҷоя бо мардумамон Иди қурбонро дар фазои сулҳ ва оромӣ пешвоз мегирем.

Ғояҳои олии сулҳу дӯстӣ ва инсондӯстӣ, ки меҳвари ин ҷашни муқаддасро ташкил менамояд, бо ислоҳоти ҷории Ўзбекистони Нав, мақсад ва вазифаҳои олиамон ҳамоҳанг ва ҳамнаво ҳастанд.

Нақш ва аҳамияти чунин арзиш ва ҷашнҳои аслӣ дар ҳаётамон, мисли Иди қурбон афзун мегардад, ки он ба дар ҳар як маҳалла, ҳар як шаҳру деҳа, дар тамоми ҷамъиятамон барои пурзӯр гардидани фазои сулҳ ва фараҳмандӣ, эҳтироми ҳамдигар, таҳаммул ва салоҳ мусоидат менамояд.

Аз фурсат истифода намуда, ба ҳамватанони азизамон, ки бо меҳнати пурмашаққати худ ба таъмини озодӣ ва ҳаёти фараҳнок, шараф ва арзиши ҳар як инсон саҳми муносиб мегузорад, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Дӯстони азиз!

Тавре ки маълум аст, солҳои охир дар Ўзбекистон корҳои зиёд дар заминаи инкишоф ва ғанӣ гардондани арзишҳои миллӣ ва маънавӣ, таъмини озодии виҷдон ва эътиқод ба амал оварда мешавад.

Ба шарофати имконоте, ки барои мусулмонони мамлакатамон фароҳам оварда шудааст, дар рӯзҳои Иди қурбон 15 ҳазор нафар ҳамватанонамон дар Макка зиёрати ҳаҷро ба амал меоранд. Ҳамаи онҳоро бо ин ҷашни бузург табрик менамоем ва аз Худованд илтиҷо мекунем, ки дар ин рӯзҳои шариф дуоҳои онҳоро дар бораи шукуфоии Ватан, некуаҳволии халқ, хушбахтии оилаҳоямон иҷобат намояд.

Мо, бешубҳа, минбаъд низ барои ба ҳаёт татбиқ намудани орзуву омоли мардуми гуногунмиллат ва гуногундинамон, ҳифз ва инкишофи анъана ва арзишҳои тамоми халқу миллатҳо, ки намояндагони онҳо ин мамлакати аҷоибро Ватани худ мешуморанд, эътибори алоҳида медиҳем.

Боварӣ дорам, ки бо кӯшиши муштарак мо Ўзбекистони Навро ба мамлакате табдил медиҳем, ки дар он дӯстӣ ва таҳаммул ҳукмронӣ намуда, дар он ҳар як шаҳрванд новобаста аз миллат, забон ва дин дар фазои озодӣ ва сулҳу фараҳмандӣ зиндагӣ хоҳад кард.

Тамоми мусулмонони хориҷии дуру наздикро самимона бо ин ҷашни муқаддас табрик намуда, бароияшон тараққиёт ва шукуфоии мамлакат ва халқҳояшонро хоҳонем.

Ҳамватанони муҳтарам!

Бинобар анъанаи неке, ки вақтҳои охир дар мамлакатамон ҷорӣ гаштааст, имсол низ ба муносибати ҷашни Иди қурбон рӯзҳои иловагии истироҳатӣ эълон гаштааст.

Бовар дорам, ки Ид ал-адҳаи муқаддас ба ҳар як хонавода, ҳар як хонадон хушӣ ва кайфияти аъло меорад.

Барои мо ин боз як имконияте мебошад, ки аз маконҳои муқаддас зиёрат ба амал оварда, ба аёдати калонсолон, ба падарон ва модарони солхӯрда, хешон ва қарибон рафта, ба эҳтиёҷмандон кумак мерасонем, дар мамлакат саёҳат мекунем.

Бори дигар шумо, ҳамватанони азиз, тамоми халқамонро бо ҷашни Иди қурбон табрик менамоям, мехоҳам, ки онро бо мазмун, дар доираи оила, дӯстон ва наздикон гузаронед.

Бигзор, дар ин ҷашни нурафшон тамоми орзу ва умедҳои некамон ҷомаи амал пӯшанд!

Бигзор, дар мамлакатамон сулҳу субот ҳамеша ҳукмрон бошад!

Бигзор, Худованд кори моро дар тамоми умури некамон мададгор бошад!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**



*Дар сехи дӯзандагии назди Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тамара текстил» воқеъ дар ноҳияи Амударёи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон маҳсулоти трикотажӣ, хусусан, либосҳои мардона, занона ва бачагона тайёр карда мешавад. Соҳибкор Тамара Юсуфова соли 2009 бо 15 ҷойи корӣ самти мазкурро оғоз намуда буд. Имрӯз бошад, дар сехи дӯзандагӣ зиёда аз 50 нафар занону духтарон бо кор банд мебошанд. Айни замон бино ба супориш барои хонандагони мактаб формаи мактабӣ ва варзишӣ дӯхта мешавад.*

***Дар сурат:** дар сехи ҶММ «Тамара текстил».*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

## 9 июл – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

2023 9-IYUL O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI SAYLOVI

Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома матолиб бахшида ба дастгирии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат» Робахон Маҳмудова ва номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев чоп мегарданд.

Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бепул нашр мегарданд.

***(Матолиби мазкурро дар саҳифаҳои 2 ва 3 мехонед).***

# ЗАФАР МУБОРАК, ҒАЛЛАКОРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО!

***Кишоварзони диловари вилояти Бухоро 25 июни соли ҷорӣ дар ҷумҳурият дар қатори аввалинҳо нақшаи солонаи ба давлат супоридани ғалларо сарбаландона иҷро карданд.***

2 ҳазору 984-то хоҷагии фермерӣ ва 11-то кластери ғаллакорӣ тирамоҳи соли гузашта дар 60 ҳазору 600 гектар майдон гандуми навъҳои «Старшина», «Алексеевич», «Гром», «Краснодар-99», «Васса», «Аср» ва ғайраро корида, ба парвариши онҳо эътибори ҷудогона доданд. Гуфтан ҷоиз аст, ки соли ҷорӣ субъектҳои ғаллакорӣ нисбати соли гузашта 52-то афзуд ва ба андозаи 464 ҳазор тонна гандуми хушсифат истеҳсол гардид. Мақсади асосӣ ба 76 сентнерӣ расондани ҳосилнокӣ аст. Инчунин ба ихтиёри хоҷагиҳои фермерӣ гузошта шудани беш аз 260 ҳазор тонна ғалла бахри манфиатбинии ҷамоаҳои меҳнатӣ ва фарохтаршавии фаъолияти онҳо хидмат мекунад.

Чорабинии пухта ба ҳосилғундорӣ, ташкил ёфтани отряди ғалладаравӣ ба 189 комбайн, қариб 950-то автомобили боркашон, 40-то хидмати сайёри техникӣ, 40-то воситаи таъмини сӯзишворӣ имконият дод, ки ҳосил сари вақт ва беталаф ҷамъ оварда шавад.

Ба комёбӣ саҳми деҳқонон-фермерҳои ноҳияҳои Рометан, Вобканд, Олот, Қаравулбозор, Бухоро ва Қаракӯл арзанда гардид. Инчунин хоҷагиҳои фермерии «Акром», «Амон Ҳидой замини», «Саъдуллобобо», «Тӯра Ҷӯра Умар» аз ноҳияи Рометан, «Ҷумъаназар Ўлмас», «Саид Чори саховати», «Воҳидҷон Файзиев», «Яшнарбек Санақулов аз ноҳияи Олот, «Улуғбек Амон замини», «Ҷӯра Дурбек Ваҳҳоб», «Сатторов Ортиқбобо», «Нурулло Амон Абдулло» аз ноҳияи Вобканд, «Фахриддин Фаёзбек», «Аҳтам Даврон», «Самандар Араб» аз ноҳияи Қаравулбозор ба дигарон намунаи ибрат шуданд.

Ғаллакорони ҳимматбаланди вилоят ба ивази ин комёбӣ 1,5 триллион сӯм даромад мегиранд.

Ҳарчанд нақшаи солона иҷро шудааст, дар саҳро ғунучини ҳосил давом дорад. Дар майдонҳои аз ҳосил холигашта кишти такрорӣ суръат мегирад ва онҳое, ки муҳтоҷи дастгирӣ ҳастанд, деҳқонӣ карда манфиат мебинанд. Маҳсулоти иловагии сабзавот, полиз, картошка, лӯбиё, соя, офтобпараст, сабзӣ ва амсоли инҳо боиси афзоиши файзи хонадони оилаҳо гардад, дар қисми дигар барои чорво захираи хӯрок фароҳам меояд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# БОЗДИДИ ДЕҲАИ КУНДАИ ҶУВОЗ

Дар доираи сафари матбуотие, ки бо ибтикори Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекгидроэнерго» дар вилояти Сурхондарё сурат гирифт, як гурӯҳ журналистон имкон пайдо намуданд, ки аз деҳаи Кундаи ҷувози ноҳияи Сариосиё боздид намоянд. Ин деҳ дар қисмати болооби сарбанди Тӯпаланг, дар қабати кӯҳҳо воқеъ гаштааст ва яке аз дурдасттарин деҳаҳои ин ноҳия маҳсуб меёбад.

– Мебинам, ки дидани деҳа бароятон хеле мароқангез аст. То ҳол барои журналистони зиёд муяссар нашудааст, ки аз ин деҳаи қабати кӯҳ боздид ва бо ҳаёти мардуми он ошно шаванд. Мо бароятон чунин имкониятро фароҳам меорем, – гуфт мушовири раис оид ба масоили сиёсати ахбор-роҳбари дафтари матбуоти ҶС «Ўзбекгидроэнерго» Равшан Бойқулов.

Ба таъкиди вай дар айни ҳол аз тарафи чапи сарбанди дарёи Тӯпаланг то деҳаи Кундаи ҷувоз роҳи мошингард сохта мешавад. Барои ҳамин ҳоло ба он ҷо роҳсозон бо техникаи зиёд сафарбар шудаанд, то ки сохтмони роҳ зудтар анҷом пазирад. Аллакай шароит мусоидат менамояд, ки дар сурати зарурат сокинони деҳа худро тавассути нақлиёт ба манзил расонанд.

Мо то соҳили сарбанд расидем. Аммо то расидан ба он ҷо ду посгоҳро гузаштем. Дарвоқеъ, тамоми иншооти Нерӯгоҳи барқи обии «Тӯпаланг» зери назорати идораҳои интизомӣ қарор дорад ва ҳар кас наметавонад бидуни иҷозаи онҳо вориди ин минтақаи хос шавад.

Дар соҳили кӯли сарбанди Тӯпаланг ҷавони завраҷрон моро интизор будааст. Вақте ки мотори заврақ ба кор даромад, он оҳиста рӯ-рӯи об ҳаракаташро ба самти пеш оғоз намуд ва суръаташ боло мерафт. Гумон кардем, ки масофаи байни ду тарафи соҳил чандон дур нест. Аммо маълум шуд, ки он ҳудуди сӣ километрро ташкил мекунад ва дар зарфи сӣ-сиву панҷ дақиқа мо ба он тарафи соҳил рафта мерасем.

Бо ҳамон шавқу шӯр, гоҳ аккосӣ кардаву гоҳ машғули тамошои манзараҳои аҷоиби ду тарафи соҳил мо пеш мерафтем. Ҳанӯз ба соҳил нарасида завракбон мотори онро хомӯш кард. Баъди он ки заврақ ба соҳил дакка хӯрд, мо пасу пеш худро ба соҳил гирифтем. Аз ҳамон нуқта ба ақиб нигариста дидем, ки он тарафи соҳили кӯл хира-хира ба назар метобад.

Ногуфта намонад, ҳанӯз ҳангоми шиноварӣ бо заврақ аз он гармии тоқатфарсои тобистон, ки ҷисму ҷонамонро нороҳат менамуд, асаре намондааст. Ҳавои минтақаи кӯҳистон аз қисмати поёни ду соҳили дарёи Тӯпаланг куллан фарқ мекард.

Се сокини деҳа дар он тарафи соҳили сарбанд моро истиқбол гирифтанд, ки дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46 таҳсил мекардаанд. Ба гуфтаи онҳо таҳсил ба забони тоҷикӣ сурат гирифта, донишомӯзон дар ҳар кадом синф аз панҷ то ҳафт ё ҳаштнафариро ташкил мекунад.

– Ман дар ҳамин деҳа зодаву ба воя расидаам, соҳиби оила ва хонаву дар шудаам. Мӯйсафедони деҳ мегуфтанд, ки он таърихи беш аз дусадсола дорад. Замоне бобоёни мо ба ин минтақаи кӯҳӣ омадаанд ва дар ин ҷо сукунат ихтиёр кардаанд. Аз ҳамон давра то кунун мо идомадиҳандагони наслҳои ҳамон бобоёну падарони худ мебошем, – гуфт зимни суҳбат сокини деҳаи Кундаи ҷувоз Юсуфалӣ Раҳмонов.

**– Беморони вазнинро ба маркази ноҳия бо кадом роҳ мефиристед?**

– Пештар танҳо ба воситаи хару асп ин кор анҷом дода мешуд ва шонаи мардум ғайр аз азият чизи дигарро ҳис наменамуд. Баъди арзи вуҷуд намудани сарбанди «Тӯпаланг» андак сабукиҳо пайдо шуд, зеро тавассути заврақи мотордор беморон ба он тарафи соҳил интиқол дода мешуданд. Аз деҳаи Ҳисорак, воқеъ дар поёни сарбанд, мо бору банди худро ба василаи ҳамон завракҳо то деҳ оварда мерасонидем. Хушбахтона, Президент Шавкат Мирзиёев ба мардуми мо ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва бо дастури он кас роҳи васеъ ва ҳамворе сохта мешавад. Умедворам, ки дар ин замина ба оҳистагӣ як қатор муаммову мушкилоти мардум бартараф хоҳанд шуд.

**– Мегӯянд, ки «Ўзбекгидроэнерго» барои бо барқ таъмин кардани мардум, беҳтар намудани шароити зиндагии шумо борҳо дасти мадад дароз мекунад.**

– Бале, мо аз раиси он Абдуғанӣ Сангинов хеле хурсанду хушҳол ҳастем. Маҳз бо талошу эҳтимоми он кас чанд панели офтобӣ насб карда шуд, ки моро бо неруи барқ таъмин мекунад. Гузашта аз ин, роҳҳои деҳоти поёни «Тӯпаланг» аз ҳисоби маблағи «Ўзбекгидроэнерго» ҳамвору мумфарш карда шудаанд.

**– Худи шумо ба чӣ кор машғулед?**

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МО АДОЛАТРО ИНТИХОБ МЕНАМОЕМ

***Дар Барномаи пешазинтихоботии Робахон Маҳмудова – номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» татбиқи корҳо бино ба нӯҳ самт пешбинӣ шудаанд. Дар ин самтҳои ҳамоҳанг бо барномаи ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» дар роҳи рушди демократии Ватанамон мақсади бунёди давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандие ифода ёфтааст, ки барои ҳама фаровониро таъмин менамояд.***

ADOLAT
SOTSIAL-DEMOKRATIK PARTIYASI

Роҳи ба мақсад расидан аз чиҳо иборат аст? Онҳо дар ҷамъиятамон чӣ дигаргуниҳо ворид месозанд? Дар ҳоли ҳозир ин масъалаҳо аз ҷониби экспертҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва перомуни онҳо фикру мулоҳизаҳои гуногун гуфта мешаванд. Дар поён шуморо бо баъзе фикру мулоҳизаҳое, ки оиди Барномаи пешазинтихоботии номзад гуфта шудаанд, ошно месозем.

**Холидҷон КОМИЛОВ,**
**Қаҳрамони Ӯзбекистон, сенатор,профессори кафедраи офталмологияи маркази такмили малакаи касбии ходимони тиб:**



— Самти чоруми Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» – Робахон Маҳмудова ба сохтори ҳифзи тандурустӣ бахшида шудааст. Дар он, аз ҷумла, ба масъалаҳои **такмил додани рӯйихати воситаҳои давоӣ ва хизматҳои тиббие, ка аз ҷониби давлат расонда мешаванд, рушди дорухонаҳои иҷтимоӣ, вусъат додани муолиҷаи беморони вазнин аз ҷониби давлат** рӯйи эътибор нигаронда шудааст.

Фикр мекунам, ба ин масъалаҳо беҳуда эътибор дода нашудааст. Бале, дараҷаи хидматрасонии тиббӣ ба шаҳрвандон бояд такмил дода шавад. Зеро агар хидмати тиббӣ рушд накунад ва ин кор аз ҷониби давлат ба амал татбиқ нагардад, дар сохтори ҳифзи тандурустӣ мушкилоти гуногун ба миён меояд. Ҳам сифати муолиҷа, ҳам дараҷаи боварии шаҳрвандон ба сохтори тиб поин меравад. Нисбати такмил додани рӯйихати воситаҳои давоӣ метавон чунин изҳори ақида кард.

**Эътибор диҳед, ба кишварамон ҳар гуна воситаҳои давоӣ ворид шудан гиранду онҳо ба ҷойи беҳсозии тандурустии аҳолӣ зарар расонанд, айбдор кист, кӣ ба ин ҳама ҷавоб медиҳад? Агар вазъият чунин аст, пас, такмил додани хидмати созмонҳои давлатии тиббӣ ва қотеъона ташаккул додани рӯйихати воситаҳои давоӣ аз ҷониби давлат зарурати ҳаётист.**

Дар барнома масъалаи **созмонҳои тиббии ғайридавлатиро аз созмони тиҷоратӣ ба созмони ғайритиҷоратӣ гузарондан** низ ба миён гузошта шудааст. Ин боз як усули ҳаллу фасли мусбии масъалаи фавқ маҳсуб мешавад. Зеро агар созмони тиббӣ куллан ба созмони тиҷоратӣ табдил ёбад, дунболи маблағ давидан оғоз меёбад. Ба дунболи маблағ давидан бошад, вазъи сохтори ҳифзи тандурустиро гаронтар месозад, сабаби авлавият пайдо кардани мақсадҳои тиҷоратӣ мегардад, омили рӯй додани иллатҳои гуногун дар сохтор мешавад. Биноан, чунин ба назар мерасад, ки ба созмонҳои ғайритиҷоратӣ табдил додани онҳо беҳтар. Ин амалиёт мутобиқ ба таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ ва як қатор кишварҳои пешрафта аст.

Фикр мекунам, дар барнома масъалаи вусъат додани муолиҷаи беморони вазнин низ дуруст ба миён гузошта шудааст. Зеро бемориҳое вуҷуд доранд, ки шаҳрвандон дар муолиҷаи онҳо оҷизӣ мекашанд. Гоҳе дар ҷамъият бемориҳое ба мисли эпидемия ё пандемия пайдо мешавад. Дар навбати худ ин тақозо менамояд, ки давлат дар муолиҷаи ин гуна бемориҳои вазнин ва бемориҳои дигаре, ки бар асари онҳо ба вуҷуд меоянд, фаъолияти густурда дошта бошад. Бояд гуфт, ки масъалаи истифодаи аҳолӣ аз хидматҳои тиббии кафолатнок дар Конститутсияи ба тозагӣ таҳрирхӯрда низ инъикос ёфтааст.

Дар барномаи пешазинтихоботӣ ин фикрҳои номзад: **дар паси созишҳои ходимони фарматсевтикаю тиб барои хариди доруҳо ба беморон бештар таъсир расондани онҳо нуҳуфтааст, Ӯзбекистон бино ба истеъмоли антибиотикҳо аз давлатҳои пешқадам будааст**, касро мутаваҷҷеҳ месозанд. Дареғ, ки дар ҳаёт ба чунин ҳолатҳои номатлуб вомехӯрем, бояд онҳоро бартараф намуд. Охир бар асари чунин созишҳо маблағи зиёди шаҳрвандон ба бод меравад, аламовараш ин аст, ки шаҳрвандон сиҳатиашонро аз даст медиҳанд. Бинобарин, номзад дар Барномаи пешазинтихоботии худ **такмил додани пойгоҳи ягонаи электронии доруҳоро** ба миён мегузорад. Чунин меҳисобад, ки тавассути ин ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои давоӣ, созишҳои пинҳонии ходимони тиббу фарматсевтика ва беасос боло рафтани нархи доруҳо хотима гузошта мешавад.

Умуман, масъалаи ба тамоюли давлати иҷтимоӣ мутобиқ гардондани сохтори ҳифзи тандурустӣ ва тибқи он такмил додани «**Кодекси ҳифзи тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон»** аз самтҳои асосии барнома қаламдод шудааст.

Масъалаи дигари муҳими барномаи номзад ба коркарди асосҳои ҳуқуқии сохтори **«тибби ақлдор»** дар мамлакатамон ва васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои ахбору коммуникатсияи муосир дар соҳаи тиб иртибот дорад. Зеро имрӯз мо ба ошноӣ бо усулҳои муолиҷаи пешқадами тибби дунё, татбиқи пурсамари дастовардҳои сохтори ҳифзи тандурустии кишварҳои хориҷӣ, барои беш аз пеш беҳ сохтани сиҳатии аҳолӣ истифода аз «тибби ақлдор», телетиб ва технологияҳои ахбори муосир ниёз дорем. Ин аз шартҳои муҳими татбиқи ислоҳот ва ҳифзи тандурустии аҳолӣ мебошад. Биноан, ин гуна ғояҳои дар барнома бамиёнгузоштаи номзадро пурра ҷонибдорӣ мекунам.

**Исмоил САИФНАЗАРОВ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд, доктори илмҳои фалсафа:**



— Дар моддаи 52-юми Конститутсияи ба тозагӣ таҳрирхӯрда меъёре ҳаст, ки дар он гуфта мешавад: **давлат шаъну қадру қимати омӯзгоронро ҳимоя мекунад**, ба фаровонии иҷтимоӣ, моддӣ ва камолоти касбиашон ғамхорӣ зоҳир менамояд.

Бо назардошти ин, номзади ҲСД «Адолат» дар Барномаи пешазинтихоботиаш таъкид менамояд, ки **обрӯю эътибори омӯзгор, қабл аз ҳама, обрӯю эътибори миллат ва тамоми халқ аст**. Ҳизб низ тавассути афзудан ба нуфузи ходимони педагогӣ, ки қисми асосии электораташро ташкил медиҳанд, муайян намудани мақомаш ва таҳким бахшидани нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҷонибдори андешидани чораҳои ҳуқуқист. Бинобарин, номзад дар барномааш овардааст, **ки қонун оиди мақоми омӯзгор бояд дар муддати кӯтоҳ ба тасвиб бирасад.**

Пайдост, ки рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, қабл аз ҳама, ба татбиқи технологияҳои муосир вобаста аст. Татбиқи технологияҳои пешқадам ба ҳаёт бошад, рушди илму фан ва инноватсияҳоро тақозо дорад. Биноан, дар барнома таъмини вобастагии узвии **илм — таълим – истеҳсолот** чун омили бавуҷудоии технологияи пешқадами замонавӣ қаламдод шудааст.

Ҳамаро рӯшан аст, ки бе рушди таълим дар ҷамъият наметавон дар соҳаи илму фан тозагие ворид намуд. Агар дар соҳаи илму фан навгоние набошад, дар рушди инноватсия ва офаридани технологияҳои нав ишкол пайдо мешавад. Бе ин ҳама, пешравӣ дар ҷамъият тасаввурнопазир аст. Биноан, дар барномаи номзад масъалаи рушди таълим, илму фан ва инноватсия аз масъалаҳои басе муҳим маҳсуб мешавад. Аз нигоҳи ӯ, мақсади ниҳоӣ аз рушди таълим, илму фан ва инноватсия бунёди давлати ҳуқуқӣ ва ҷамъияти адолатнок аст.

Метавон гуфт, ки ҳоло бастагӣ ва ҳамдастии байни таълиму илму фан ва инноватсия натиҷаи матлуб медиҳад. Бо вуҷуди ин, дараҷаи тиҷоратикунонии корҳои илмию инноватсионии олимон, яъне ҷалбкунии онҳо ба истеҳсолот на он қадар баланд аст. Агар дигар хел ифода намоем, дар байни навгониҳои илму фан, саноат ва истеҳсолот холигоҳест, ки бояд пур шавад. Кашфиёт ва ихтироъҳои фаннӣ бояд ба ҳаёт татбиқ шаванд.

Номзад, барои ба ин сатҳ баромадан, боз ба як масъала: зиёд кардан, такмили малака ва бозомӯзии драйвери воқеии иқтисодиёт – муҳандисон, технолог ва агроном-механизаторон рӯйи эътибор мегардонад.

Номзад, ҳамчунин, дар барномааш эътибори интихобкунандагонро ба чораёни ислоҳ кардани таълими мактабӣ тибқи барномаҳои таълими байналхалқӣ ҷалб менамояд. Зеро навгониҳои фанниву инноватсионӣ ба сифати таълим иртиботи ногусастанӣ дорад. Яъне, ҳама таҳаввулоту дигаргуниҳо аз барномаҳои таълимӣ оғоз меёбанд.

Номзад ба мақоми Президент дар барномаи пешазинтихоботиаш чунин меҳисобад, ки дар мамлакат ба суръати рушди инноватсионӣ эътибор додан лозим, бояд дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт коркарди инноватсия ва технологияҳоро васеъ ба роҳ монд, ба рушди капитали инсон, илму фан ва инноватсия шароити мусоид фароҳам овард. Ба ин гуна ғояҳое, ки ба рушди Ватану кишварамон хидмат мекунанд, арҷ мегузорам.

**Инна КОРЖИКОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи ҲСД «Адолат»:**



— Ҷойгоҳи дар ҷамъият доштаи занону духтарон дар мамлакатамон басе муҳим аст. Масъалаи муносибат ба занону духтарон мавсимӣ нест. Ин аз масъалаҳоест, ки бояд ба он ҳамеша эътибор дод. Зеро ин сухани ҳикматомез: дараҷаи маданияти ҳар гуна ҷамъият дар муносибати он ба зан муайян мегардад, беҳуда гуфта нашудааст. Занонамон дар оила ҷойгоҳи хосса доранд. Зани оқила бо меҳру муҳаббати худ мувозинати оила, дар ниҳояти кор, мувозинати ҷамъиятро нигоҳ медорад.

Номзад таъкид менамояд, ки дар ҷараёни бунёди давлати ҳуқуқӣ ва ҷамъияти адолатнок бояд баробарҳуқуқии занону мардон таъмин гардад. Фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолнокии занону духтарон, дар ҳамаи соҳаю ҷабҳаҳо ба рӯйи об баровардани тавону салиқаи онҳо ва коркарди қонуну ҳуҷҷатҳо доир ба таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон яке аз самтҳои бартариноки барномаи ӯро ташкил медиҳад.

Номзад, ҳамчунин, ба масъалаи бо шуғл фаро гирифтани занону духтарон, беҳбуди шароити меҳнатии онҳо, хусусан, дар деҳот ҷалби васеи занону духтарон ба соҳибкории оилавию хусусӣ ва ҳунармандӣ эътибори алоҳида медиҳад, ки сазовори дастгирист.

Аз ҳама муҳимаш номзад, дар баробари афзудан ба фаъолнокӣ ва нақши занон дар ҷамъият, ният дорад, ки дар ҳамаи зинаҳои мақомоти идора ва ҳокимияти давлатӣ ба теъдоди намояндагони занону духтарон биафзояд.

Пайдост, ки дар Конститутсияи ба тозагӣ таҳрирхӯрдаамон ба институти оила эътибори алоҳида дода шудааст. Аз ҷумла омадааст, ки оила ячейкаи асосии ҷамъият аст ва дар муҳофизати давлату ҷамъият қарор дорад, давлат барои рушди ҳамаҷонибаи оила шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам меоварад, модарию падарӣ ва фарзандӣ дар ҳимояи давлатанд, бояд Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба дастгирӣ, таҳким бахшидан, ҳифзи оила ва арзишҳои оилавӣ чораҳо андешад.

Ҳамчунин, номзад дар Барномаи пешазинтихоботӣ, бо дар назардошти меъёрҳои ҳаётбахши конститутсионӣ, ташаббуси қабули қонун **«Дар бораи ҳифзи давлатии модарӣ, падарӣ ва фарзандӣ»**-ро ба миён мегузорад.

Ин бошад, дар навбати худ, таҳким бахшидани институти оила ва такмил додани онро тақозо дорад.

Номзад рӯйи эътибор ба он гардондааст, ки дар оила бояд муҳити баробарҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шавад, бояд механизмҳои пурсамари таҳким бахшидан ва солимгардонии оила рӯйи кор оянд.

Барои ин қабл аз ҳама бояд оиди пешгирии пошхӯрии оилаҳо чораҳо андешида шаванд. Ба ин маънӣ, бино ба таҳким бахшидани институти оила, бояд индексҳои миллӣ мавриди коркард қарор гиранд.

Номзад дар барномаи хеш ба мақсади таъмини рушди устувори саломатии репродуктивӣ ва демографӣ, бино ба нақша, ба коркард ва тадбиқи барномаи **«Оилаи солим — ҷамъияти солим-2030»** низ эътибори алоҳида додааст. Воқеан ҳам солимгардонии ҷамъият аз оила шурӯъ мешавад. Оилаҳои солим дар маҷмӯъ ҷамъияти солимро ташкил медиҳанд. Албатта, ин ҷо сухан дар бораи оилаи ҷисмонан ва маънан солим меравад.

**Бо назардошти инҳо, ҳамаро ба дастгирии номзадамон даъват менамоям.**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ «АДОЛАТ» — РОБАХОН МАҲМУДОВА ОВОЗ ДИҲЕД!

## Хабарҳо

### ДИПЛОМ ВА УНВОНҲОИ ҲАРБӢ БА ХАТМКАРДАГОН

***Омода сохтани кадрҳои касбӣ ва ҳарҷониба обутобёфта барои мақомоти корҳои дохилӣ дар асоси талаботи давр ба роҳ гузошта шуда, механизми наве, ки бо татбиқи тадриси замонавӣ асос ёфтааст, дар роҳи беҳсозии сифати таълим хидмат менамояд.***

Имсол Академияи назди ВКД-ро 600 нафар курсантҳо аз рӯйи 7 ихтисос ба итмом расонданд. Ба наздикӣ бахшида ба маросими хатмкунии онҳо чорабинии тантанавӣ рӯйи кор омад. Дар маросим вакилони Маъмурияти Президент, Сенати Олий Маҷлис ва дигар мақомоти давлатӣ, роҳбарияти ВКД, собиқадорони соҳа, айни замон устодон-профессорони академия, хатмкунандагон ва падару модари онҳо иштирок карданд. Даставвал роҳбари даргоҳ,полковник Рустам Ҳотамов ҳозиронро хайрамақдам гуфт, оиди қадри инсон дар ҷамъият, саъй дар роҳи таъмини устувории қонун, ба соҳа бо қадамҳои қатъӣ воридшавии ҷавонон, ки масъулияти бузурги дар зимма доштаашонро ҳис мекунанд,сухан ба миён овард, хатмкардагонро муборакбод сохт ва ба ҷавононе, ки роҳи хидмати шарафнокро пеш гирифтаанд, муваффақият орзу намуд.

Аз байни хатмкардагон ба 24 нафар курсант дипломи имтиёзнок, ба 2 нафар унвони махсуси «лейтенанти калон» дода шуд.

Дар чорабинӣ сурудҳое садо доданд, ки дар васфи Ватан гуфта шудаанд. Чорабинӣ бо марши тантанавори хатмкардагон ба охир расид.

### СОХТОРИ НАВИ СУҒУРТАВӢ ДАР ТИБ

***Аз 1 июли соли равон дар шаҳри Тошканд ба тариқи таҷриба сохтори суғуртаи тиббии давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.***

Ба муносибати гузариш ба сохтори нав дар маҳалҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ пеш бурда мешаванд. Мутахассисони шуъбаи ҳудудии Бунёди суғуртаи тиббии давлатӣ дар пойтахт дар иттиҳодияи тиббии ноҳияи Яккасарой шуданд ва ба ходимони соҳаи тиб вохӯрданд. Мазмун ва моҳияти сохтори нав шарҳ дода шуд. Таъкид гашт мақсад аз ҷорӣ сохтани сохтор дар соҳаи тандурустӣ беҳсозии сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, барвақт аниқ кардани хавфи сироят ва пешгирии маризиҳо, васеътар ҷорӣ намудани шаффофии тарзи муолиҷа ва амсоли инҳо мебошад. 10 навъ беморӣ ройгон ба табобат фаро гирифта шуда, 7 навъ хидматрасонӣ ба «пакети кафолатнокшуда» ворид шудааст. Табобати бепул аз ҷониби поликлиникаҳои оилавии вобасташуда ташкил карда мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ман ба чорводорӣ машғулам ва ҳамсару панҷ фарзандамро аз ҳамин ҳисоб мехӯронаму мепӯшонам. Фарзандонам дар мактаби деҳа таҳсил мекунанд. Ана ҳамин духтарчаи хурдиам мехоҳад муаллимаи забони англисӣ шавад. Барои ҳамин шабу рӯз ба омӯхтани ин забон пардохтааст. Худо кунад, ки ба ин орзуяш бирасад.

**– Мошинҳоеро низ ин ҷо мебинам. Пас, аллакай роҳ боз аст, ки** вай нахуст дар соҳили сарбанд мулоқот доштам, бовар ҳосил намудам. Дар бинои мактаб ва атрофи он толор ё майдончаи варзишӣ мавҷуд набуд. Ботир ва ду навраси дигар ба ҷои он ки «Мо компютеру дигар таҷҳизоти замонавӣ надорем» гӯянд, аз набудани толори варзишӣ шиква намуданд. Хувайдост, ки акси қаҳрамон Баҳодур Ҷалолов наврасону ҷавонони ин деҳро нерӯ мебахшад ва онҳо низ орзу хоҳанд кард, ки соҳиби толори барҳаво бошанд ва мисли Баҳодур муштзани зӯр шаванд!

Ҳавзаи интихоботии рақами 781-и интихоботи пеш аз мӯҳлати Президент як наслу насаб мебошанд. Дар ин деҳ тақрибан касе бегона нест. Кундаи ҷувоз деҳаест, ки одамони маъруфу машҳурро ба халқ армуғон намудааст. Яке аз онҳо раиси Иттиҳодияи нависандагони ҷумҳурӣ Сироҷиддин Сайид мебошад, ки дар ҳамин деҳаи дурдаст чашм ба олами ҳастӣ кушодааст ва ба унвони «Шоири халқии Ӯзбекистон», орденҳои «Дӯстлик» ва «Меҳнат шӯҳрати» сазовор гардидааст.

Вай илова намуд, ки ҳамдеҳагонам бо чунин одамони машҳур ҳамеша ифтихор мекунанд. Зеро Сироҷиддин Сайид номи деҳ ва мардуми онро ба оламиён муаррифӣ намудааст. Дар аз ҳар

# БОЗДИДИ ДЕҲАИ КУНДАИ ҶУВОЗ

**мардум худро тавассути нақлиёт аз як манзил ба манзили дигар расонанд?**

– Қисме аз ин мошинҳо моли ҳамдеҳагони мост. Аммо бештари он ба роҳсозон тааллуқ дорад, ки ин ҷо кор мекунанд. Пештар мардуми мо мошини худро дар хонаҳои хешу табори худ, воқеъ дар деҳаи Ҳисорак монда, бо заврақ ба деҳа меомаданд. Ҳоло, шукр, вазъият тағйир ёфтааст ва роҳи нав, ки ҳарчанд ҳанӯз ноҳамвор аст, мусоидат менамояд, ки мардум молу колои худро тавассути мошинҳо ба деҳ интиқол диҳанд.

Мактаби рақами 46 аз бинои якошёнаи дорои чанд синфхонаи хурд иборат буд. Дар он як гурӯҳ омӯзгорон аз фанҳои гуногун ба шогирдон сабақ медодаанд. Ғайр аз ин, бо баргузор намудани ҳар гуна машғулияти фаннӣ донишу маҳорати шогирдонашонро такмил мебахшидаанд.

Дар лавҳае роҷеъ ба муштзани машҳур, зодаи ноҳия Баҳодур Ҷалолов маълумот дода шудааст. Баҳодур қаҳрамони ҷаҳонгашта аст, барои ҳамин дар поёни он чунин навиштаанд: «Ту ифтихори моӣ, Баҳодур Ҷалолов!»

Ба гуфтаҳои Ботири наврас, ки бо низ дар бинои мактаб воқеъ гаштааст. Дар лавҳаҳо «Интихобот 9 июли соли 2023 баргузор мегардад», «Ҳама – ба интихобот!» ва ғайра сабт ёфта буд. Се нафар аъзои комиссияи ҳавзаи интихоботӣ, ки аз ҳисоби омӯзгорони ҳамин мактаб интихоб шудаанд, барои ташвиқоту тарғибот ва мулоқот бо мардум ба қисмати болоии деҳ рафтаанд. Маълум шуд, ки ҷамъи интихобкунандагони ин ҳавзаи интихоботӣ дастикам сад нафарро ташкил мекунад. Аъзои комиссия лавҳаву навиштаҷот дар бораи номзадҳо ба мақоми Президент ва барномаи пешазинтихоботии онҳоро дастраси овоздиҳандагон намудаанд.

– Ҳар сол ба деҳаи мо сели калон таҳдид мекунад. Ҳамон харсангҳои бузурге, ки аз поёни деҳ то соҳили «Тӯпаланг» тӯда-тӯда хобанд, ҳамон селҳои калон овардааст. Умедворем, ки баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани роҳи нав ҳокимияти маҳаллӣ ҷиҳати ободу зебо гардидани деҳа низ ҷиддан иқдом менамояд, – мегӯянд пирони рӯзгордидаи ин деҳ.

Элмурод Саидов – омӯзгори забони давлатӣ ва таълими ҳарбии мактаби рақами 46 дар бораи насаби деҳаи Кундаи ҷувоз бо ифтихор чунин гуфт:

– Аксарияти сокинони деҳаи мо аз сатри ашъори ӯ бӯи деҳа эҳсос мегардад. Вай «Ватан» гуфта пеш аз ҳама ҳамин гӯшаи кишвари маҳбубро дар назар дорад.

– Шеърҳои ӯро мутолиа карда, баъдан каму беш шеър менавиштагӣ шудам, – мегӯяд бо табассум Элмурод Саидов ва ин байтро замзама мекунад:

*Ман наям шоир, лекин чун каси*
*шоирмиҷоз,*
*Касби ман омӯзгору шеърам*
*аз Кунди ҷувоз.*

Суҳбату мулоқотҳои бисёр дилчаспу хотирмон боз чанд лаҳза идома кард. Вақте заврақрон ишора намуд, ки шом нашуда бояд ба он тарафи соҳил расем, дилу бедилон бо сокинони он худоҳофизӣ кардем ва рӯ ба пастӣ оварда, ҷониби кӯли сарбанд равон шудем.

Пеш аз фаромадани шом ба соҳили дигари «Тӯпаланг» расидем. Ин сафари матбуотӣ барои он хеле хотирмону дилчасп буд, ки омадан ба чунин деҳаи дурдаст ва суҳбату мулоқотҳо бо мардуми содаи он бароям даст дод.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# БОЗ «ТАРОНАҲОИ ШАРҚ» – ДАР РЕГИСТОН

***Дар даҳ рӯзи охири моҳи августи соли равон дар асоси қарори сарвари давлатамон аз 2-юми феврали соли гузашта «Дар бораи чораҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи маданият ва санъат» дар майдони Регистон фестивали 8-уми «Таронаҳои Шарқ» хоҳад гузашт.***

Ҳоло дар доираи омодагӣ ба анҷумани мусиқӣ ба масъалаҳои пазироии меҳмонон, бо манзил таъмин кардани онҳо, ташкили саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва ғайра эътибори хоса зоҳир мешавад. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки бори нахуст дар ин ҷашнвора аз 30 кишвари ҷаҳон вакил ширкат варзида бошад, соли 2019 аз 80 мамлакати дунё 340 нафар дар майдони Регистон ҳунарнамоӣ карда, табъи мухлисони санъатро болида сохтанд.

Аллакай аз хориҷа расидани илтимоснома доир ба иштирок дар анҷумани мусиқӣ ба Самарқанд оғоз ёфт. Дар фестивали имсола ширкаткунандагон нисбат ба солҳои пешин бештар хоҳад шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# МУКОФОТ МУБОРАК!



*Дар рӯзномаамон рӯзноманигорони фаъол ва фидоӣ бисёранд. Яке аз онҳо мухбирамон дар вилоятҳои Андиҷон ва Фарғона Мирасрор Аҳроров. Вай ҳамзамон дар газетаи «Ҷумҳурият» (Тоҷикистон) ба сифати мухбир дар Ӯзбекистон адои вазифа менамояд. Ба наздикӣ дар озмуни миллии байналхалқии «Қалами тиллоӣ» ҳамчун мухбири фаъоли хориҷӣ аз сафи ғолибон ҷой гирифта буд. Инак, ба муносибати Рӯзи ходимони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ Фармони роҳбари давлат оиди ба мукофотҳои давлатӣ тақдирнамоии як гурӯҳ фидоиёни соҳа барои ҳиссаи арзандаашон дар таъмини озодии сухану матбуот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар майдони иттилоот ба нашр расид. Дар байни онҳое, ки бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шудаанд, Мирасрор Аҳроров низ ҳаст,ки ин боиси ифтихори мо, кормандони рӯзнома аст.*

*М. Аҳроров зодаи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона буда, соли 1978 факултаи журналистӣ-филологии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Тайи солҳо дар мактаби зодгоҳи хеш ҳамчун омӯзгор ва директор, дар Шӯрои қишлоқи «Ҳушёр» ба сифати котиб, дар радиои «Озодӣ» ҳамчун мухбири бюрои Тошканд ва Бишкек фаъолият бурдааст. Соли 2015 тақдир Мирасрор Аҳроровро ба «Овози тоҷик» пайваст. Аз ҳамон вақт инҷониб саҳифаҳои рӯзномаро бо навиштаҳои ҷолиб обод месозад. Сермаҳсул аст. Асосан аз ҷои воқеа «маводҳои зинда» менависад ва воқеаҳои муҳимро дар гармогармӣ ба эътибори муштариён мерасонад. Таблиғгари дӯстии халқҳост.*

*Ҳамкорамон Мирасрор Аҳроровро бо ордени «Дӯстлик» сидқан муборакбод менамоем. Умедворем мукофоти ӯ ба вай ва ҳамкоронаш рӯҳи тоза мебахшад, газетаамон бо маводҳои ҷолиб бештар маҳбубият пайдо мекунад.*

***Аҳли «Овози тоҷик».***

*«Барои рушди сабз!»*

# ҲАЛЛИ ОҚИЛОНА ВА МУҲИМТАРИН – ИСТИФОДАИ ПУРСАМАР АЗ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ

*Дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев ташаббусҳои муҳим дар самтҳои ҳифз намудани муҳити атроф, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ, офаридани шароити мусоиди муҳити атроф барои аҳолӣ пешбарӣ шудааст.*

*Самтҳои мушаххаси пешниҳодкардаи номзад аз нуқтаи назари вазъи экологии имрӯза ва ҳалли мушкилоти муҳити атроф дар миқёси ҷаҳон ҳалли конструктивиро ифода менамояд. Қадамҳои мушаххас ҷиҳати таъмини **ҳуқуқи зисти ҳар як сокини мамлакатамон дар шароити мусоиди гирду атроф** бояд аз тарафи давлат гузошта шаванд.*



### Барои зиндагонии бароҳат муҳити созгори атроф лозим

Генофонди поку солими миллат, ноил гардидан ба тамоюли модари солим ва кӯдаки солим, пешгирии бемориҳое, ки аз таъсири хатарноки муҳити зист ба вуҷуд меоянд, кӯтоҳтар ифода намоем, орзуи ояндаи солим ва фаровон ба вазъи мӯътадили экологӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ба ин маънӣ, дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президент дар соҳаи кишоварзӣ ба **истеҳсоли маҳсулоти табиии тоза**, ки холӣ аз омехтаҳои кимиёвии зараровар аст, таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Албатта, барои ин ғояи истифода аз воситаҳои ҳифзи табиии муҳофизати об, хок ва олами наботот пеш бурда мешавад.

Воситаҳои кимиёвии заҳрнок, ки ба мақсади муҳофизати зироатҳои маишии хоҷагии қишлоқ аз заракунандаҳо истифода мешаванд, ба гирду атроф зарари калон мерасонанд, ки ҳодисаи аз ҷиҳати илмӣ исботшуда ва аз таҷрибагузашта мебошад. Мушоҳидаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки маҳсулоти аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ва моддаҳои кимиёвии зарарнок **ба тарзи солими ғизохурии аҳолӣ** мутлақ зид мебошанд.

Аз ин рӯ, номзад ба мақоми Президентӣ аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев ҳайати табиатшинос, ботаник ва биологҳоро ташкил додааст, ки дар таъмини тарзи ҳаёти солими аҳолӣ дар навбати аввал ҷонибдори татбиқи барномаи ғизо бо маҳсулоти табиии тоза мебошад.

### Партовҳо бехатар коркард мешаванд

Яке аз ҳадафҳои барномаи пешазинтихоботии номзад – таъмин намудани тозагии муҳити зист тавассути **коркарди партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва партовҳои дурушти маишӣ** ба ҳисоб меравад. То чӣ андоза долзарб будани ин аз рақамҳои зерин низ муайян мегардад: дар корхонаҳои саноатии мамлакати мо ба ҳисоби миёна соле **115-120 миллион тонна** партовҳои саноатӣ пайдо мешаванд, ҳоло дар полигонҳо наздик ба **3,5 млрд. тонна** партовҳо ҷамъ шудаанд.

Дар борномаи пешазинтихоботӣ ба сифати роҳи ҳалли ин мушкилоти шадиди экологӣ **пурзӯр гардондани талаботи бо таҷҳизоти воситаҳои техникӣ безарар гирифта баровардани навъи чунин партовҳо** пешниҳод мешавад.

Дар хориҷ усул ва механизмҳои озмудашудаи роҳи ҳаллу фасли мушкилоти партовҳо мавҷуд аст. Аз ҳама муҳимаш – азнавкоркарди партовҳо. Ин бошад, ба масъалаи ба навъҳо ҷудо кардани партовҳо иртибот дорад.

Дар натиҷаи саъю ҳаракатҳое, ки солҳои охир ба танзими соҳа нигаронида шудааст, партовгоҳҳои зиёд ба тартиб даровардa шуданд. Аммо корҳое, ки бояд иҷро шаванд, бисёранд. Барои мисол, дар Аврупо бо ин масъала солҳои 80-уми асри гузашта шуғл варзиданд. Ҳоло дар Олмон **70 фоизи** партовҳо азнав коркард мешаванд. Ин нишондод дар Ҷопон **90 фоизро** ташкил медиҳад.

Дар ин кишварҳо қадами дуюми азнавкоркарди саноат ба як тиҷорати бузург табдил ёфтааст, ки гардиши воситаҳои молиявии он даҳҳо миллиард долларро ташкил медиҳад. Ин аст, ки дар воридоти Чин ҳаҷми партовҳое, ки аз хориҷ оварда мешаванд, меафзоянд.

Дар барномаи пешазинтихоботӣ роҳи ҳалли мушкилоти дигари вобаста ба партовҳо пешниҳод мешавад. Тибқи он, дар кишвар тадриҷан аз истифодаи маҳсулоти бастубанди полиамиддор, полиэтилен, **пластикҳое, ки як маротиба истифода мешаванд ва аз зарфҳои дигар бояд зина ба зина даст кашида шавад**.

**Қонун «Дар бораи партовҳо» дар таҳрири нав** қабул мешавад, ки идоракунӣ ва азнавкоркарди партовҳои хатарнок, партовҳои тиббию биологӣ ва сохтмонро ба танзим меорад, маводҳои бастубанди барои гирду атроф зарарнок ва механизмҳои ҳуқуқии маҷмӯи экологии маҳсулотро муайян менамояд.

### Ҳалқаи нодири мувозинати табиӣ

Биогуногунӣ ва мувозинати экосохтор омили муҳими нигаҳдории устувори беназири модар-табиат мебошад. Дар айни замон гуногунии биологӣ манбаи муҳими фаровонҳолии иқтисодӣ, эстетикӣ, ҳифзи тандурустӣ ва маданӣ ба ҳисоб меравад.

Табиати мо аз гуногунии биологӣ бой буда, зиёда аз **27 ҳазор** намуди олами набототу ҳайвонотро дар бар мегирад. Дар байни онҳо **14 900 намуди** ҳайвоноти бесутунмӯҳра ва **715 намуди** ҳайвоноти сутунмӯҳрадор вомехӯранд. Баробари ҳамин, **11 ҳазор** намуди растаниҳо, занбӯруғ ва растаниҳои обӣ мавҷуданд. Ғайр аз ин, **4300 намуди** растаниҳои ёбоӣ мавҷуданд, ки **8 фоизи** онҳо эндемикӣ мебошанд.

Имрӯз баъзе намудҳои нодир ва ҷараёни экологӣ таҳти хатари нестшавианд. Аз ҷумла, дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ба макони зисти растаниҳое, ки ба тарзи ёбоӣ месабзанд ва муҳити зисти олами ҳайвонот **дар ин ҷо навъҳои объектҳои олами набототу ҳайвонот кам мешаванд**. Ба Китоби сурхи Ӯзбекистон **206 навъи ҳайвонот** ва **314 намуди растаниҳо** дохил гардидааст.

Дар барномаи пешазинтихоботии номзад роҳҳои бартарафсозии чунин мушкилот пешниҳод шудаанд. Тибқи барнома дар обанборҳо ва қитъаҳои замини минтақа, ки табиӣ ҳифз карда мешаванд, **ба ҳар гуна фаъолияте, ки зидди вазифаҳои мақсадноки он мебошад, маҳдуд гардонда мешавад. Ба шикори ҳайвоноти** зери хатари нобудшавӣ ва нодир, **аз табиат ҷудо карда гирифтани навъҳои растанӣ мораторияи 10 сола** эълон карда мешавад.

### Истифодаи пурсамар аз захираҳои об

Дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президентӣ истифодаи пурсамар аз захираҳои об, ки неъмати бебаҳои табиат аст, беҳтар гардондани таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, инчунин, дар бораи ҳаллу фасли мушкилоти мавҷудаи соҳа таклифҳои амиқ пешбарӣ мешаванд.

Сол аз сол зиёд гардидани аҳолӣ, ба кор андохта шудани объектҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои нави саноатӣ, афзоиши ҷойҳои истиқоматӣ бозгӯйи он аст, ки ба об низ талаби табиӣ зиёд мешавад. Вазъияти имрӯза дар назди мо вазифаи таъхирнопазиреро мегузорад, ки **механизми истифодаи оқилонаи захираи оби нӯшокӣ ба вуҷуд оварда шавад**.

Тағйироти иқлим, ки солҳои охир бештар ба назар мерасанд, ғайричашмдошт хушк омадани сол, пастшавии сатҳи оби дарёҳо боиси **бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ шудани мо дар таъминоти оби нӯшокӣ** гардид.

Дар барномаи пешазинтихоботии номзад вобаста **ба истифодаи оқилонаи захираҳои об ислоҳотҳои ташкилию ҳуқуқӣ** пешниҳод шудаанд, ки чӣ тавр бояд ба амал татбиқ шаванд?

Пеш аз ҳама, барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ – хурду калон низоми самарабахш ба вуҷуд овардан, маҳорати истифодаи оқилона, исроф накардани обро ёд гирифтан, дарк намудани он зарур аст, ки дар ҳар қатра об ҳаққи наслҳои оянда ҳаст ва онро на ҳамчун захираи моддие, ки фақат бо пул харидан мумкин аст, шуморанд. Ин яке аз вазифаҳое мебошад, ки бояд пеш аз ҳама ба ҳар як кӯдак, бачагони синни томактабӣ, мактаббачагон, дар маҷмӯъ аҳолӣ, моҳияти онро расонд. **Ташкили платформа** дар ин хусус ва **дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани он** яке аз вазифаҳое мебошад, ки ба таъхир андохтан мумкин нест.

**Низоми қатъии лимити тақсимоти захираҳои об**, пурра татбиқ нагардидани технологияҳои рақамӣ ва сарфакоронаи об низ монеаи истифодаи оқилонаи захираҳои об мегардад. Дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба **масъалаи ҷорӣ намудани механизмҳои бозор дар таъмини об**, татбиқи тадбирҳои гузоштани ҳисобкунакҳои об сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии ташаббускори лоиҳа, диққати махсус дода шудааст.

Имрӯзҳо дар пойтахт, дар бархе аз шаҳрҳои бузург аз баъзе иншооту корхонаҳои обӣ пайваста бӯйи бад мебарояд, ки боиси эътирози мардум шудааст. Ҳалли ин мушкилот дар барномаи пешазинтихоботии Абдушукур Ҳамзаев, номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон, ифода ёфтааст: дар оянда ҳар корхонае, ки дар маҳаллаҳои истиқоматӣ **бӯйи бад мебарорад** ва иншооти тозакунандаи обҳои партови маҳаллӣ надорад, бояд **то ҷорӣ кардани технологияи ҷавобгӯ ба талаботи зикршуда фаъолияташро қатъ намоянд!**

### Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои фоҷиаи Арал

30 апрели соли равон дар таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар асоси иродаи халқи мо – референдуми умумихалқӣ қабул гардид, меъёри махсуси марбут ба вазъи экологии минтақаҳои назди Арал ворид гардид. Аз ҷумла, муайян карда шуд, ки давлат барои ҳифз ва барқарор намудани сохтори экологии минтақаҳои назди Арал, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа тадбирҳо меандешад. Ин масъалаи мубрам дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми президентӣ Абдушукур Ҳамзаев ҳамчун як самти алоҳида инъикос ёфтааст.

Дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим қабати барф кам шуда, бухоршавӣ зиёд мешавад. Давомнокӣ ва шиддатнокии хушксолӣ метавонад истеҳсолоти кишоварзиро ноустувор гардонад ва ба амнияти озуқаворӣ зарар расонад. Гармои тобистона, обхезиву селҳои баҳорӣ ва тармаҳои зимистон метавонанд ба маҳалҳои аҳолинишин ва инфрасохтори муҳим таъсири манфӣ расонанд. Поёни дарёи Аму аз камобӣ ва туфони чанг бештар зарар мебинад.

Бино ба ҳисобу китобҳо пешбинӣ шудааст, ки **то соли 2050 ҳаҷми истеҳсоли ҷуворимакка, биринҷ ва гандум 25 фоиз коҳиш хоҳад ёфт**. Шароити ноустувори иқлим, нарасидани об ва афзоиши аҳолӣ эҳтимол дорад, ки ба ин модели рушд ва қобилияти кишвар барои нигоҳ доштани сатҳи имрӯзаи худидоракунии таъмини озуқаворӣ дар асоси захираҳои худ таъсири манфӣ расонад.

Мушкилот бо зиёд шудани шӯршавӣ ва паст шудани ҳосилнокии заминҳои обӣ зич алоқаманд аст. Азбаски зиёда аз 90 фоизи ҳосили кишоварзӣ аз заминҳои обӣ гирифта мешавад, андешидани тадбирҳо вобаста ба вазъият дар тартиби рӯз қарор дорад. Аз ин ҷост, ки мувофиқи барномаи пешазинтихоботии номзад назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҷараёнҳои вайрон шудани қабати ҳосилхези хок, ба даст овардан ва нигоҳ доштани қабати ҳосилхези хок барои мелиоратсияи биологӣ ва истифода дар заминҳои камҳосил пурзӯр карда мешавад. Бо мақсади аз эрозияи хоку шамол муҳофизат намудани заминҳо, таназзул, биёбоншавӣ, вусъат додани корҳои биомелиоративӣ, барпо кардан ва аз нав барқарор намудани ҷангалу дарахтзор ба роҳ монда мешавад.

Ҳар сол **100 миллион тонна** регу намак ба ҳаво мебарояд. Ин бори дигар собит менамояд, ки харобшавии Арал мушкилоти глобалист. Вақти он расидааст, ки дар заминҳои лалмии Арал **барпо намудани ҷангалзорҳои сабз** ҳамчун вазифа дар сатҳи сиёсати давлатӣ гузошта шавад.

Бо пурзӯр намудани татбиқи экологияи инноватсионӣ ва технологӣ дар минтақаҳои назди Арал имкони дастгирии иҷтимоию иқтисодии аҳолиро таъмин намуда, барои онҳо шароити зиндагии шоиста фароҳам овардан мумкин аст. Барилова дараҷаи зиндагии сокинони маҳалро баландтар мекунад. Бунёди **«камарҳои сабз»** на танҳо дар атрофи нуқтаҳои аҳолинишини Нукус, Бухоро, Урганч, Хива, Навоӣ, Мӯйноқ, балки дар ҳар як мавзее, ки зиёда аз 5 ҳазор нафар аҳолӣ дорад, тезонда мешавад.

Системаи кӯли Айдар-Арнасой, обанборҳои **Денгизкӯл**, **Қуйимазор**, **Тӯдакӯл**, **Судоче-Акпетке** ба руйихати ботлоқзорҳои дорои аҳамияти байналхалқӣ дохиланд, ки ба муҳофизати онҳо диққати махсус додан зарур аст. Дар натиҷаи чунин корҳо диёри мо боз ҳам зеботар шуда, ба мавзеи солиму сабзу хуррам табдил меёбад. Албатта, мо минбаъд низ **бо кишварҳои ҳамсоя** дар таҳияи тадбирҳои муҳим ва мубориза бо оқибатҳои манфӣ ва таҳдидҳои тағйирёбии иқлим **ҳамкории мустаҳкам** хоҳем дошт. Аз ҷумла, дар якҷоягӣ бо ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Қазоқистон дар асоси барномаю нақшаҳои мушаххас оид ба барқарор намудани экосохтор дар минтақаҳои офати баҳри Арал, бунёди ҷангалҳои сабзи аз тӯфонҳои регу намак ҳифзкунанда ва сарфакорона истифода бурдани ресурсҳои об лоиҳаҳои аҳамияти байналмилалӣ дошта татбиқ карда мешавад. Ҳадафи асосии мо фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, шароити ба роҳат ва хуби зиндагӣ дар минтақа мебошад.

**Ин самтҳои муҳиме, ки ба барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президентӣ Абдушукур Ҳамзаев аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон ворид шудаанд, ба манфиати халқ ва рушди сабзи кишварамон хидмат мекунанд. Барои фаъолона дастгирӣ кардани ин ҳама ба тарафдории номзади Ҳизби мо ба мақоми Президентӣ овоз диҳед!**

**Наврӯзбек ЮСУПОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**узви фраксияи Ҳизби экологии Ӯзбекистон.**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ӮЗБЕКИСТОН АБДУШУКУР ҲАМЗАЕВ ОВОЗ ДИҲЕД!



*Дар ноҳияи Чимбойи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон усто-ҳунармандони хаймасоз хеле зиёд. Азамат Турекеев яке аз намояндаи авлоди сеюми ҳунармандон ба шумор меравад. Ҳунарманд давом додани арзишҳои миллиро мақсади олӣ дониста, мактаби «устоду шогирд»-ро ташаккул дода, ба ҷавонон асрори ҳунар меомӯзад.*

*Ӯ дар озмуни «Ташаббус», ки барои ҷоми Президент дар миқёси ҷумҳурӣ ва шаҳрии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон баргузор гардид, ҷойҳои муносибро ба даст овард. Инчунин дар ҷашнвораву намоишгоҳҳои берун аз кишвар маҳорати худро нишон додааст.*

***Дар сурат:** ҳунарманди чирадаст **Азамат Турекееви** чимбойӣ.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

## ГУЛ ВА ПУЛ

Журналистон ва ходимони ВАО соле як маротиба иди касбии хешро таҷлил менамоянд. Ба хотири он, ки ҳар як ҳодисаву воқеа аз назари эшон пинҳон намемонад, ба қавли шоири ширинкалом Лоиқ:

*Кишти деҳқон чу сар*
*кашад аз хок,*
*Сар кашад кишти*
*муддаои ту ҳам,*
*Хӯшаҳо ҳар замон,*
*ки дон банданд,*
*Хӯша бандад мақолаҳои*
*ту ҳам,*

Ба муносибати ид масъулони ҳокимият хони идона меоранду ҳадяҳо ҳам медиҳанд.

Банда низ дар ин росто беш аз бист сол аст, ки қадам мезанам ва қалам мекашам.

Бори аввал, ҳангоме ки дар донишгоҳ таҳсил мекардам, ёвари садри факулта мо – чор нафарро ба як маҳфили илмӣ-фарҳангӣ бурд. Аз ҷониби кадом як бунёди соҳаи журналистика ба чанд рӯзноманигор ва чор нафари мо як миқдор пул тӯҳфа доданд.

Пас аз он бо тӯҳфа қадркунии ҳампешагонро дар иди касбии ходимони ВАО медидам. Чанде аз ин маросимҳо дар шаҳри Гулистони вилояти Сирдарё баргузор гардиданд ва банда ҳам дар онҳо ширкат ҷустаам. Зеро он солҳо дар ин вилоят ба сифати хабарнигори рӯзнома фаъолият доштам. Сипас бо ҳидояти рафиқе боз дубора ба Ҷиззах омадам. Як-ду соли аввали омаданам, ба ман ҳам дар қатори ҳамкасбон тухфаҳо доданд. Боре яке аз муовинони ҳоким вақте тухфаҳо месупорид, дар паҳлӯи вай гулдухтарон гулдаста дар даст ба ҳар як нафари тухфагиранда гул медоданд. Тухфа бисёр буд, вале гул намонд...

Бе гул тухфаи гирифтаам гӯё қадру қимате надошт. Пас аз як сол боз ҳамон манзара, маросими тухфасупорӣ. Ин дафъа аз гулу гулдастаҳои зебо оросташудаи сафеду сурх чашм намекандам. Ба саҳна баромадан замон аввал гулро гирифтан мехостам. Ба назарам чунин метофт, ки гул аз пул волотар аст. Ҳамин тавр ҳам шуд. Он солу боз як соли дигар гулҳои тухфагирифтаамро ба хоҳарону ҷиянонам, ки дар шаҳр ба сар мебурданд, раҳораҳ бурда додам.

Дарвоқеъ, агар амиқтар назар афканем, гул рамзи дӯстиву рафоқат, садоқату муҳаббат аст.

Иди касбии журналистон ба кулли ҳампешагон фархунда бод!

**Анорбойи ШОДИПУР.**

***Дар мамлакатамон баҳри ободӣ ва бунёдкорӣ корҳои васеъмиқёс бурда мешавад. Маҷмааи савдо, биноҳои зист қад рост мекунанд. Ҳусну тароватӣ ватани ҷаннатмисоли мо рӯз аз рӯз афзун мегардад. Дар натиҷаи чунин саъю ҳаракат дар маҳаллаи Оқчангали ноҳияи Хавоси вилояти Сирдарё боз як иншооти бошукӯҳ – бинои нави масҷиди ҷомеи Абдураҳмон ибн Авф Қурайшӣ ба истифода супурда шуд.***

## МАСҶИДИ НАВ ДАР ХАВОС

Дар бунёд кардани бинои нав беш аз 200 нафар устою муҳандис, ҳунарманд, ороишгар ва мутахассисони дигар аз ҳудудҳои кишвар ҷамъ омаданд.

Дар тарафи рости масҷид манора бунёд ёфтааст, ки баландии он 37 метр аст. Дар ин ҷо хонақоҳи калони дорои 2500 ҷой, айвон, таҳхона, китобхона ва хонаи сархидмат барпо карда шудааст. Дар паҳлӯи масҷид барои занон ибодатгоҳи алоҳида бунёд гардида, дар як вақт беш аз 100 нафар занон метавонанд намоз гузоранд. Фаъолони маҳалла на танҳо дар бунёдшавии сохтмон, балки дар ҳамаи корҳои ободонӣ ва тозакунии маҳал ширкат варзидаанд ва ният доранд намози Иди Қурбонро дар масҷиди нав гузоранд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти СИРДАРЁ.*

*Дар арзҳои дӯстӣ*

## СУРУДҲОИ ҚАЗОҚӢ ТАНИНАНДОЗ ШУД

***Дар кишвари мо рӯзҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо Қазоқистон идома дорад.***

Бо ҳамин муносибат дар Кохи «Нурафшон»-и шаҳри Самарқанд дастаи ҳунарии ба номи Роза Баглановаи «Қазоққонсерт» баромад намуда, ба ҳозирон ғизои маънавӣ бахшиданд.

Сурудҳои дилошӯби санъаткорони Қазоқистон Алишер Каримов, Русия Байдикенова, Маъдӣ Сиздиков ва дигарон бо кафкӯбӣ ва гулдастаҳои тару тоза арзёбӣ гардид.

Ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов меҳмононро хайра мақдам гуфта, доир ба дӯстии ду кишвари ҳамсоя ҳарф зад ва ҳунарпешаҳои қазоқро ба фестивали имсолаи «Таронаҳои Шарқ» таклиф намуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Баъди мутолиаи китоб*

## НОМАҲОИ САРШОРИ ЁДУ ИХЛОС

Пешаи рӯзноманигорӣ баробари душвориҳои зиёд, пайроҳаҳои пурпечутоб доштанаш имконоти фаровонеро барои соҳибаш мушарраф месозад, то дар сафарҳо рангиниву шириниҳои ҳаётро бубинаду аз онҳо лаззат бубарад, дар суҳбати афроди соҳибназар бошаду аз замзамаҳои дарси муҳаббати бузургворон баҳраманд бошад.

Чанде қабл китоби «Армуғон»-и рӯзноманигор, узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, муҳаррири бахши мактаб ва маънавиёти «Овози тоҷик» Саодат Рӯзиева (Бекназарова) ба воситаи дӯстам, дотсенти кафедраи забони тоҷикии донишгоҳамон Зоҳидҷон Деҳқонзода ба дастам расид. Аз мутолиаи аввалин саҳифаҳои китоб равшан аст, ки он фарогири хотираҳои нотакрору ҷаззоби зиндагонӣ дар деҳот, мақолаҳои маҳсули сафару боздидҳо, очеркҳои муаллиф мебошад, ки бо забони ширину гуворои тоҷикӣ ба қалам омадаанд. Баробари ин, аз китоб чанд ҳикояи муаллиф, тарҷумаи ҳикояҳои адибони муосири ӯзбек ҷой гирифтаанд.

Вақте дар сайргоҳи хотироти хеш нависанда ва журналист ба сафар меравад, рӯзгори душвори бачагӣ, мушкилот дар таҳсил, зимистонҳои тӯлонии пурбарф ва роҳи дарозро тай намудани бачагон барои хониш ба хотир оварда, онро бо замони имрӯз муқоиса мекунад. Чӣ қадар инсонҳои он рӯзгор новобаста ба мушкилоти зиндагонӣ бо ҳамдигар меҳрубон ҳастанд. Мушкилот то чӣ андоза инсонҳоро ба ҳам қарин месозад, ки ба қавли нависанда онҳо бо апаи Турдигул ва Ашургул (ёдашон ба хайр!), Қандигул, Тоҷигулу Шарбат апаву хоҳар барин мешаванд. Беҳуда ин ҳикояи кӯтоҳи хешро Рӯзиева «Хонаи гарми меҳр» наномидааст, зеро вақте унвони онро хонанда мутолиа мекунад, хоҳу нохоҳ ба андеша меравад, ки ин хонаи кӣ бошад? Ин хонаи кӯдакии муаллиф аст, ки аз баракоти иноят ва лутфи беандозаи падари бузургвораш он ба хонаи гарми меҳр бадал шудааст.

Дар охири ҳикояти хотирарез муаллиф шукрона аз замони истиқлол мекунад, ки симои деҳаи дурдаст дигаргун шудааст ва ҳоло онро хонаҳои хушсохти замонавӣ, боғҳои сарсабзу хуррам оро медиҳанд ва аммо нуктаи ҷолиб ва қобили таъкид он аст, ки ҳамеша ӯро ҳамон «хонаи одии бомаш барфпӯш, ки бо оташи меҳри момо, падару модар ва хоҳару бародаронам ҳамеша гарм буд, ба сӯи деҳа мекашонад ва ҳамон самимияти зебоиҳои нотакрор оташи меҳрро ба дилҳо меннишонад».

Ҳарчанд муаллиф кӯшидааст, ки бо шеваи баёни публитсистӣ матлабҳои хешро ба қалам оварад, падидаҳои нодири эҷоди бадеӣ, ки вуҷуди нигоранда аз онҳо саршор аст, ҷаззобияти сабки иншои ӯро чун услуби баёни ёддоштҳои бадеӣ марғуб гардонидааст. Дар ҳикояи кӯтоҳи «Бачагӣ гӯё буду гӯё набуд», ки аз мисраи шеърии устод Лоиқ унвони он баргузида шудааст, ҳамин назокати баён эҳсос мешавад. Тасвири манзараи кӯҳсори деҳаи Эҷ – зодгоҳи муаллиф, садои мурғакони баҳорӣ ва бузу бузғолаҳо дар доманаҳои кӯҳсор, зиндагонии зебои деҳот, дар баҳорон чидани ҳулбӯву ҷағ-ҷағ ва пухтани самбӯса чӣ лаззате дорад, ки навори хотираҳои муаллиф ин лаҳзаҳоро дар оинаи хаёл ва қоби тассаввур самимона ҷилварезӣ мекунад. Муҳимтар аз ҳама, қудрати суханофаринии нависандаи китоб манзараҳои айёми кӯдакиву наврасиро хеле зебо рангомезӣ намудааст. Фалсафаи ин ҳама тасвирҳоро, ки гоҳо то ҷилварезии наврӯзу баҳору ид давом мекунад, дар як ҷумлаи ҳакимона ва шореҳи ҳақиқати умр ҷамъбаст кардааст. Ӯ ин ҳама тасвирҳоро танҳо ба хотири ёдоварӣ аз як лаҳзаи зиндагонӣ ба қалами таҳрир дарнамеоварад, балки бо ёдоварӣ аз онҳо ба инсонҳои дигар ҳушдор медиҳад, ки «Аҷиб, ҳар сол баҳор меояд, табиат аз нав зинда мешавад, вале баҳори умри одамӣ дигар барнамегардад. Танҳо дар хобу хаёл мебинед, ки дар баҳори бачагӣ – деҳаи баҳороғӯши зодгоҳ гаштугузор доред».

Ёдномаҳои муаллиф низ дар худ нукоти ҷолибе, қиссаҳои дилангезе, асрори тозамакшуфе доранд, ки барои шинохти таърихи диёри хеш муҳиманду арзишманд. Хосатан, қиссаҳои ёддоштии ӯ дар бораи падар, ҳамчун омӯзгори тарбиятгар қобили таваҷҷуҳанд, ки дар баробари ташреҳи достони зиндагонии ибратомӯзи марди маърифатпарвар, саҳифаҳои нотакрори ёру диёрро ҷилварезӣ мекунанд. Сафари ҳунарманди бузург ва беназири халқи тоҷик устод Ҷӯрабек Муродов ба деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато ҳамроҳ бо Афзалшоҳ Шодиев, Мастона Эргашева ва Малика Қаландарова аз ҷумлаи саҳифаҳои таърихиест, ки дар хотираҳои пуробуранги Рӯзиева ҷилвагар аст. Аз ҷумла ин суханони устод Ҷӯрабек Муродов дар бораи падари ӯ на танҳо як лаҳзаи фаромӯшнашуданӣ дар ҳаёти худи вай ва пайвандонаш, балки шинохти зиндагонии ин устоди ҳунар низ ҷовидона нақш мебанданд: «Ҳамон шаб баъди базм устод Ҷӯрабек гуфта буд: «Дар бисёр нишасту рӯзҳои хурсандии мардум хидмат кардем, баъзан бетартибии тамошобин, ҳаёҳуи бачаҳо ба мо халал мерасонанд. Маҳорату сухандонии муаллим Ӯзбакбой Рӯзиев буд, ки то саҳар бароҳат суруд хондем».

(Давомаш дар саҳ.4).

# ... ХИРАДРО КОРИ ХУД КУН ДАР ҲАМА КОР

***Ҳукумати Тоҷикистон дар сиёсати пешгирифтаи худ ҳамеша ба қишри ҷавони кишвар аҳамияти хоса дода, барои соҳибкасбу соҳибдониш гардидани онҳо кулли шароити зарурииро фароҳам овардааст. Ҷавонони Тоҷикистон баробари таҳсил дар муассисаҳои олии кишвар, ҳамчунин дар донишгоҳу донишкадаҳои давлатҳои хориҷӣ низ таҳсил карда истодаанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ, айни ҳол дар макотиби олии 56 кишвари ҷаҳон ҷавонони тоҷикистонӣ таҳсил доранд, ки шумораи онҳо зиёда аз 40 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.***



Дар ҳамин радиф имрӯз дар ҳамсоякишвари мо – Ӯзбекистон зиёда аз 100 нафар ҷавонон дар донишгоҳҳои гуногун таҳсил гирифта истодаанд. Аз ин нишондиҳанда 28 нафарашон донишҷӯёни курси якум мебошанд. Мо, ҷавонон аз сиёсати пешгирифтаи ду роҳбари давлат – мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев шод ҳастем ва дар роҳи тақвият бахшидани ин дӯстӣ кӯшиш менамоем.

Дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Тоҷикистон аз соли 2014 дар назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Тоҷикистон маҳфили «Ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мегиранд» таъсис дода шуда, айни ҳол намояндагии маҳфил дар 18 давлати дунё фаъолият дорад. Мақсади асосӣ аз ташкили ин маҳфил пеш аз ҳама муттаҳидсозии ҷавонон, таҳкими муносибатҳои дӯстии халқҳо, шоиста муаррифӣ намудани фарҳанги кишвар, пайдо кардани робитаи доимӣ байни Кумитаи кор бо ҷавонон ва донишҷӯёни дар хориҷи кишвар таҳсилдошта мебошад.

Намояндагии маҳфили мазкур дар Ӯзбекистон «Шӯрои донишҷӯёни Тоҷикистон дар Ӯзбекистон» ном гирифта, дар рӯзҳои фарорасии ҷашни Наврӯз – 20 марти соли 2022 бо ибтикори Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода таъсис дода шуд. Фаъолияти шӯро дар асоси «Низомномаи Шӯрои донишҷӯёни Тоҷикистон дар Ӯзбекистон» ба роҳ монда шудааст. Аз рӯзи таъсис то ба имрӯз шӯро таҳти роҳбарии раёсат дар ҳамкорӣ бо сафорат дар роҳи расидан ба мақсаду вазифаҳои худ тадбирҳои амалӣ ва чораҳои зарурииро татбиқ намуд. Нахуст дар Telegram саҳифаи расмӣ бо номи «Шӯрои донишҷӯёни тоҷикистонӣ»-ро ҳамчун воситаи мусоҳиба ва пахши иттилоот дар байни донишҷӯёни тоҷикистонӣ созмон ёфт, ки тамоми аъзоён ба он ҷалб гардиданд. Дар ин саҳифа аз тарафи аъзо то имрӯз садҳо мавод доир ба мавзӯъҳои гуногун, ки дар маҷмӯъ инъикосгари ифтихори ватандорӣ, хештаншиносӣ, одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, зебоипарастӣ, тарзи ҳаёти солим, дӯстӣ ва муттаҳидӣ мебошанд, нашр гардид.

Аз июни соли 2022 ҳамкории дуҷониба бо Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ба роҳ монда шуд. Донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар як қатор чорабиниҳои Марказ иштирок намуданд ва бо фарҳанги халқҳои муқими Ӯзбекистон ошноӣ пайдо карда, бо намояндагони миллатҳои гуногун муколамаҳо анҷом доданд. Ин ҳамкориҳо дар оянда низ тақвият хоҳад ёфт.

Тибқи қарори шӯро дар назар аст аз соли таҳсили нави 2023-2024 дар назди худ дар ҳамкорӣ бо ташкилот ва марказҳои фарҳангӣ панҷ маҳфили навтаъсис ба фаъолият оғоз менамояд: Адабиёт узви ҷудонопазири ҳаёти инсон ва воситаи дӯстиву рафоқат маҳсуб меёбад. Чи хеле ки дар урфият мегӯянд, «Дӯстии адабӣ – дӯстии абадист», дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро муносибатҳои дӯстонаи ду шоирони тавонои миллат Ҷомӣ ва Навоӣ оғоз бахшидаанд. Бо ин мақсад дар назди шӯро дастаи ҳаводорони адабиёт бо номи «Дурахши дӯстӣ» таъсис меёбад. Санъату фарҳанг, кино ва театр дар роҳи муаррифии фолклор ва этнографияи халқҳо нақши калидӣ дорад. Дар дунё ягон миллате ё давлате вуҷуд надорад, ки ба мисли тоҷику ӯзбек фарҳангу санъати якхела ва наздикро дошта бошад. Бо пешниҳоди донишҷӯён, бо роҳбарии донишҷӯёне, ки дар риштаи санъат таҳсил доранд, дастаи ҳавасмандони навозандагӣ, ҳунарӣ ва рақсӣ таъсис дода мешавад. Варзиш омили саломатӣ ва нерӯмандии ҷисму рӯҳи инсон аст. Дар он тане, ки солиму нерӯманд бошад, ақлу идрок низ хубтар ташаккул меёбад. Инчунин варзиш омили ҳамбастагиву иттиҳод ва қосиди сулҳ мебошад. Бо фарогирии тамоми донишҷӯён дастаи мунтахаби шӯро дар бозии Футбол таъсис дода шуда, роҳбари дастаи варзиш ҳамзамон сардори дастаи мунтахаб интихоб гардид. Дар давоми фаъолият дастаҳои мунтахаб дар дигар намудҳои варзиш аз қабили теннис, шоҳмот ва ғайра низ ташкил хоҳад ёфт. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ талаби замони муосир мебошад. Дар ҳамбастагии донишҷӯёне, ки ихтисосашон барои омӯзиши забон нигаронида шудааст, дастаи «Забондон» таъсис дода шуд, ки аз соли нави таҳсил ба фаъолият оғоз менамояд. Ба зан – модар дар ҳама давру замон эҳтироми зиёд зоҳир мегардад ва онҳоро гиромӣ доштан аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Дар байни донишҷӯён, хушбахтона, дар радифи писарон духтарон низ хеле фаъол мебошанд. Дар назди шӯро иттиҳоди духтарони донишҷӯ таъсис ёфт.

Боварии комил дорем, ки ташкили чунин маҳфилҳо барои тақвияти дӯстӣ, пурмазмун ва хотирмон гузаронидани вақти донишҷӯён, робитаҳои нав пайдо кардан бо ҷавонони Ӯзбекистон, эҳтиром ба таъриху фарҳанги ҳамдигар нақши муассир мегузорад.

Носири Хусрав фармудааст:

*Туро гар дӯстӣ бояд сазовор,*
*Хирадро кори худ кун*
*дар ҳама кор...*

**Хусейн ҚОСИМӢ,**
**раиси Шӯрои донишҷӯёни Тоҷикистон дар Ӯзбекистон,**
**донишҷӯи Донишгоҳи шарқшиносии Тошканд.**

*Дар онҳо чӣ гуна?*

# БОВАРӢ БА НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ БЕШТАР АСТ

***Ҳоло замон замони коммуникатсияи интернет аст ва усулҳои рақамӣ ва маҷозӣ дар айни ҳол торафт ҷойгузини дигар воситаҳои муомилот ва коргузорӣ мегардад.***
***Дар бобати нашрияҳо низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Фаразан рӯзномаҳоро бигирем, ки дар ҷаҳон ба талқини маҷозии онҳо бештар афзалият дода мешавад. Вақте ки дар худамон дар бораи бартарии ин ё он шакли онҳо баҳс солҳои охир авҷ гирифтааст, мо хостем бидонем, ки айни чунин соҳа дар шоҳигарии Шветсияи даҳуниммиллионнафарӣ чӣ гуна аст, ки аз ин хусус мақолаи зер бозгӯӣ мекунад.***

Шветсия дар ҷаҳон аввалин шуда дар соли 1766 озодии матбуотро дар Конститутсияаш сабт кардааст. Озодии матбуот ва озодии баён аз қонунҳои асосии кишвар мебошанд.

Қонун дар бораи озодии матбуот ҳуқуқи чоп ва паҳн кардани навиштаҳои чопиро бидуни сензураи пешакӣ ва монеаҳо таъмин месозад. Унсури дигари қонун дар бораи озодии матбуот ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои давлатӣ аст.

Қонун дар бораи озодии баён озодии телевизиону радио, видеоблог, баромад дар анҷуман, митингу роҳпаймоиҳоро дарбар мегирад.

Дар ин кишвар шахс фикри худро озодона баён карда метавонад, аммо ҳаққи тӯҳмат кардан ва бадному таҳқир кардани дигаронро надорад. Агар нашр дар бораи касе ё идорае маълумоти нодуруст чоп кунад, расман узрхоҳӣ мекунад ва баъзан барои воҳимаангезӣ ҷаримаи зиёд мепардозад. То айби ашхоси хилофкор исботашро ёфта, қарори додгоҳ набароянд, аз рӯи принсипи презумпсияи бегуноҳӣ ҳувияти ҷинояткор ошкор карда намешавад. Дар рӯзномаву саҳифаҳо хабару мақолаҳои пурсарусадоро дар вақташ дарҷ мекунанд, аммо ба ҷои ном «зане» ё «марде» гуфта мешавад.

Нашрияҳо ва журналистон мустақилона кор мебаранд ва бетараф ҳастанд. Онҳо бидуни ҳарос вазирон ва роҳбарони ҳизбҳои сиёсиро танқид мекунанд. Вазире ҳаққи солонаи радиоро надода аст, баъди қарори суд бо номаш дарҷ карданд. Вакили мардумӣ машруб хӯрда, ронандагӣ карда ва аз тарафи полис аз гувоҳномаи ронандагиаш маҳрум карда шуданаш, яке аз раисони азҳоби сиёсӣ аз корти бонкии ҳизб як дона шоколад хариданаш, як ситораи репсарои Амрико бо пули нақди зиёд ба дасти полиси швед афтоданаш... дар ҳамаи рӯзномаю маҷаллаҳои швед рӯзҳои наздик чоп шуд...

Журналистон агар акси шахсони ҷудогонаро дарҷ карданӣ бошанд, аз соҳиби акс иҷозат мепурсанд. Муаллимони кӯдакистону мактабҳо аз падару модарон барои акси фарзандони ноболиғашонро дар вебсайти мактаб гузоштан бо тарзи хаттӣ иҷоза мепурсанд.

Рӯзномаҳо дар Шветсия аз солҳои 1600 милодӣ инҷониб чоп мешаванд ва барои пешрафти ҷомеаи кишвар хидмат мекунанд. Ҳоло 4150 рӯзнома фаъолият мекунад. Бузургтаринаш «Афтонбладет» (Aftonbladet) аст ва теъдоди он соли 2006-ум ба 416 500 нусха мерасид. Он ҳафтае панҷ дафъа чоп мешавад. Ин нашрҳо якҷоя бо бинандагони маҷозиаш чаҳор миллион муштарӣ дорад, дар ҳоле ки аҳолии шоҳигарӣ қариб 10,5 млн. нафар мебошад. Аксарияти муштариён шакли электронии рӯзномаро мехонанд. Як дона газета дар дӯкон 29-30 крони шведӣ (30000 сӯм), обунаи яксола то 7000 крон (7 млн сӯм) аст.

Бузургтарин рӯзномаи дигар «Экспрессен» (Expressen) 326 ҳазор муштарӣ ва боз яке – «Дагенс нуҳетер» (Dagens nyheter) 347 ҳазор нусха чоп мешавад. Дар Шветсия баъди соли 2000 теъдоди чопи рӯзномаҳо кам шуд ва якчандтоаш баста шуд. Чанд рӯзномаи бепул, ки аз ҳисоби таблиғот иқтисодашонро пеш мебурданд, баста шуданд. Боисаш фаъолу беҳтар шудани сифати интернет шуд. Харидорҳои рӯзномаҳои чопӣ бештар ашхоси бузургсол ва ташкилотҳои давлатӣ мебошанд.

Муассисони рӯзномаҳо ширкатҳои хусусӣ, оилавию муштарак мебошанд ва асосан аз ҳисоби таблиғот, ҳомиён, ҳамчунин обуна корашонро пеш мебаранд. Давлат ҳам кумаки моддӣ намуда, нашрияҳоро дастгирӣ мекунад.

Рӯзномаҳои чопӣ манбаи навигариҳои хеле боварибахш ҳастанд. Ҳоло бо туфайли интернет бо онҳо рӯзномаҳои онлайн рақобат мекунанд. Ҷиҳатҳои хуби шакли электронии газетаҳо олуда насохтани муҳити зист, сарфаи барқ, дарахт ва харҷи чоп аст. Шумо ҳамеша ба газетаи электронӣ дастрасӣ доред. Агар ягон маълумотро аз шумораҳои пешин ҷустуҷӯ кунед, онро осонтар пайдо мекунед ва ҳоҷат ба варақ задану ба архиву китобхонаҳо рафтан нест.

Тавассути газетаҳои интернетӣ дар бораи ягон рӯйдод сари вақт ошно мегардед ва онҳо арзон дастрас ҳастанд. Ҳоло аксарияти одамон хабарҳоро аз смартфону компютер мутолиа мекунанд. Дар мошинҳои худ радио гӯш мекунанд. Дар қаторaву ҳавопаймо ба телевизион ҳам дастрасӣ доранд.

Ҷиҳати хуби рӯзномаҳои чопӣ дар он аст, ки онро бидуни интернет ҳам мутолиа карда мешавад. Манбаъ аниқ аст ва ҳамеша дар газетаҳои чопӣ иттилооти дақиқ нашр мешавад. Дар олами маҷозӣ кас намедонад кадом маълумот дуруст аст ё кадом нодуруст. Мардум бояд ба манбаъ бо назари танқидӣ нигоҳ карданро ёд гиранд ва ба манбаъҳои боэътимод бовар кунанд.

Ба ғайр аз ин газетаҳои электронӣ барои таваҷҷуҳи мардумро ҷалб кардан тарзи савтӣ ё видеоии гузоришро ҳам мемонанд. Табиист, ки муштариён шакли видеоӣ ё савтиро мебинанд. Дар натиҷа хондану навиштани онҳо вусъат намеёбад. Вақте ки ба шарҳҳои навиштаи ҷавонони имрӯза дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ чашматон меафтад, хеле тааҷҷуб мекунед. Онҳо на қоидаи имлоро риоя мекунанд ва на ба мантиқ.

Алъон мардум пайваста пеши компютеру телефон мешинанд, ки ин монеаи ҳаракат кардани кас мешавад ва камҳаракатӣ сабаби бемориҳои мухталиф мегардад. Барои харидани газета бошад, кас ба дӯкон меравад, ё сандуқи почтаи худро мебинад, ба ҳар ҳол каме бошад ҳам ҳаракат мекунад.

Мо дар боло гуфтем, ки рӯзномаҳои чопӣ гаронанд, аммо агар пули интернету телефону компютер ва харҷи муолиҷаи хонандаро ҳисоб кунем, шояд қимати ҳар ду намуди рӯзнома баробар бошад ва ин мавзӯъ бояд аз тарафи коршиносон омӯхта шавад.

**Улдон ҚАРАЕВА,**
*ШВЕТСИЯ.*

Аҳли «Овози тоҷик» ба хабарнигори рӯзнома дар вилояти Навоӣ Ӯзбакбойи Раҳмон нисбати вафоти бародараш

**Хӯҷам ЭГАМОВ**

ҳамдардии амиқ баён менамоянд.



# МАСКАНИ ТАРБИЯ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ойдини ноҳияи Мирзоободи Сирдарё муассисаи нави таълими томактабии давлатии рақами 8 ба истифода супурда шуд.***

Ин бинои замонавӣ дорои воситаҳои таълиму тарбияи талаби имрӯза аст. Муассисаи мазкур зиёда аз 500 нафар кӯдакро фаро гирифта, аз ҷониби бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қурулиш инвест» бунёд гардид. Барои ин 1 миллиарду 500 миллион сӯм харҷ шуд.

Дар маскани тарбия шабакаи санитарию гигиенӣ, нуқтаи тиббӣ, хонаҳо мувофиқи синну сол, толори мусиқӣ, шоҳмот, шашка, хонаҳои забонҳои хориҷӣ, ошхона, зали хӯроки умумӣ, айвончаҳои тобистона, майдончаҳои бозӣ барин қулаиҳо бобати истироҳат ва илмомӯзӣ дар хидмати наврасон аст. Мураббиҳои бомалака аз усулҳои интерфаъол истифода намуда, дар доираи Барномаи давлатии «Қадами аввал» барои гурӯҳҳои хурдсол машғулотҳо гузаронида, дар ташаккул додани ҳаёти солим ва боло бардоштани салоҳияти зеҳнии тарбиягирандагон саҳми худро мегузоранд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
***Суратгир: муаллиф.***

# НОМАҲОИ САРШОРИ ЁДУ ИХЛОС

(Аввалаш дар саҳ. 3).

Ёддоштҳо дар бораи модар ҳам басо рангину ҷолиб ба қалам омадаанд. Яке аз чунин хотираҳо, ки дар меҳвари он симои модар қарор гирифтааст, «Дар сари гаҳворaам шабзиндадорам, модарам» ном дорад. Тасвири симои модар, нонпазиву дар деги калон хӯрок пухтани ӯ, гову буз ҷӯшидан, «досро гирифта барои алафдаравӣ ба боғ фаромадан», кирмакпарвариву гилембофиҳои ӯ нақлҳои самимонаи муаллифро бисёр пуртаъсир намудаанд. Хосатан, вақте аз маҳорати пазандагии модар ёд меорад, зимнан номи анвои хӯрокҳои миллиро ёдовар мешавад, ки воқеан, имрӯз аксари онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд.

Дар хотираҳои ҷаззобу саршори самимият низ ҳузури шахсиятҳои бузурги илму адабиёт нақши муҳим доранд. Дар ин хотираи рӯзноманигор ба меҳмонии хонаи муаллиф рафтани фолклоршиноси маъруфи тоҷик Баҳром Шермуҳаммадов нақл шудааст, ки бешак як саҳифаи нодири таърихии на танҳо деҳа, балки таърихи фароҳамоварии маводи адабиёти шифоҳии тоҷикон ба шумор меравад. Муаллиф ин воқеаро чунин ба қалам овардааст: «Дар ёдам, адиб ва фолклоршиноси тоҷик Баҳром Шермуҳаммадов ба хонаи мо меҳмон шуд. Рӯзона аз эҷодиёти даҳонакии мардуми Эҷ мавод ҷамъ мекарду шабона то поси шаб бо падарам суҳбат меорост. Адиб ба дасторхони густурдаи модарам нигоҳ карда «янга соҳибкор будаанд» гуфта, баҳо дода буд. Имрӯзҳо низ дар деҳаҳои қаторкӯҳи Нурато занони соҳибкору сариштакору меҳнаткаш зиёданд». Дар ин ҷо эҳсос мешавад, ки дар гуфтори мардуми маҳал вожаи «соҳибкор» ба маънии каси соҳиби пешаи хосе, ҳунарманд, яъне соҳиби ягон ҳунар ё касб ба кор мерафтааст, ки онро муаллиф хеле ҳунармандона дар навиштаҳои хеш истифода намудааст. Ин дар ҳолест, ки имрӯз вожаи мазкур маънии нав ба худ касб карда, барои ифодаи нафаре, ки ба тиҷорат, иҷрои коре баҳри даромад машғул аст, ба кор меравад.

Дар баробари ин, дар таркиби ҳамин хотираи мавриди таҳлил, инчунин хотираҳои дигари адиб, ҷой гирифтани унсурҳои фолклори тоҷикони ин диёр, аз ҷумла аз забони модар тавассути «таберок» (доира) суруда шудани намунаҳои эҷодиёти шифоҳӣ, шарҳи расму оинҳои хоси маросимҳои арӯсӣ чун никоҳ, арӯсбиёрон, оинҳои хоси Наврӯз ба амсоли ин то андозае пажӯҳишҳои мардумшиносии муаллифро шарҳу тафсир мекунанд. Хосатан, вақте оинҳои марбут ба ҷашни арӯсии мардуми диёри хешро тафсир мекунад, руҷуи муаллиф бо фармудаҳои китоби «Ақоид-ун-нисо»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ тақвияти ҷанбаҳои илмии навиштаҳои нависандаро собит месозанд ва аз огоҳиҳои мукаммали ӯ дар робита ба масъалаҳои дорои аҳамияти мардумшиносӣ паём мерасонанд.

Баҳсу баррасии арзишҳои адабии ҳикоёте, ки аз адибони ҳамзамони хеш чун Муяссар Тилабова, Ғафур Шермуҳаммадов, Гулчеҳра Сотиболдиева, Ҳалима Аҳмедова ва дигарон тарҷума намудааст, мавзӯи алоҳидаест, ки як самти муҳими фаъолияти рӯзноманигорро тақозо дорад. Забони шевои тарҷумаҳои анҷомёфта чун навиштаҳои саршори самимияти муаллиф худ гувоҳи он аст, ки дар баробари рӯзноманигори чирадаст ва соҳибқалам будан, Саодат Рӯзиева симои як нависандаи хубу соҳибҳунарро ба воситаи нашри ин китоб ба хонандагони тоҷик манзур кардааст. Навиштаҳои муаллиф аз ҳар ҷиҳат қобили аҳамиятанд. Забони хуби саршор аз вожагони ноб, мафоҳими ифодакунандаи унсурҳои фарҳанги мардум, расму оинҳои тоҷикони Нурато, истилоҳоти хоси мардумшиносӣ ва фарҳанги шифоҳӣ ва амсоли ин аз ҷониби дигар ба ғанои забонии навиштаҳои адиб таъсири матлуб гузоштаанд. Китоби «Армуғон», бегумон, ҳадяи маънавии танҳо муаллифи он нест, балки армуғони тоҷикони Нурато ба хонандаи тоҷик, адабиёти миллӣ, забони ноби тоҷикӣ аст, ки дар оянда баҳри ғанои фарҳанги миллӣ баҳраҳои афзун бардошта хоҳад шуд.

**Нуралӣ НУРЗОД,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.**
**Зоҳид ҚӮРҒОНОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4594 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.